# МАЪРУЗАИ АЛТЕРНАТИВИИ ЧОРУМИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ИҶРОИ КОНВЕНСИЯ ДАР БОРАИ БАРҲАМ ДОДАНИ ҲАМА ГУНА ШАКЛҲОИ ТАБЪИЗ НИСБАТИ ЗАНОН

Душанбе – 2023

# МАЪРУЗАИ АЛТЕРНАТИВИИ ЧОРУМИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ИҶРОИ КОНВЕНСИЯ ДАР БОРАИ БАРҲАМ ДОДАНИ ҲАМА ГУНА ШАКЛҲОИ ТАБЪИЗ НИСБАТИ ЗАНОН

ДУШАНБЕ – 2022

## АРЗИ СИПОС

Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Аз баробарии ҳуқуқӣ – ба баробарии воқеӣ» ба Офиси Барномавии САҲА дар Душанбе барои дастгирӣ дар баргузории мизҳои мудаввар барои муҳокима ва чопи Маърузаи чоруми алтернативии ташкилотҳои ҷамъиятии Тоҷикистон оид ба иҷрои Конвенсияи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон миннатдории самимӣ изҳор менамояд.

Ба Офиси барномавии СММ-занон дар Тоҷикистон барои дастгирӣ ва тарҷумаи шакли кӯтоҳи Маърузаи алтернативӣ ба забони англисӣ ва тарҷумаи шакли васеи Маърузаи алтернативӣ ба забони тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин дастгирии муҳокимаи он аз ҷониби ҳамаи сохторҳои манфиатдор арзи сипос менамоем.

Мо аз намояндагони ҳамаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои динӣ ва ВАО, ки дар муҳокимаи лоиҳаи маърузаи алтернативӣ иштирок намуда, ақидаю иловаҳои асоснок пешниҳод карданд, басо миннатдорем.

ҲИСОБОТ БО ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ ОФИСИ БАРНОМАВИИ СОЗМОНИ АМНИЯТ ВА ҲАМКОРӢ ДАР АВРУПО ДАР ДУШАНБЕ НАШР КАРДА ШУД.

МУҲТАВОИ ҲИСОБОТ МЕТАВОНАД НУҚТАИ НАЗАРИ ОФИСИ БАРНОМАВИИ САҲА ДАР ДУШАНБЕ ВА ОФИСИ БАРНОМАВИИ СММ-ЗАНОНРО ДАР ТОҶИКИСТОН ИНЪИКОС НАКУНАД.

# МУНДАРИҶА

МОДДАИ 1. Табъиз нисбати занон ... 6

МОДДАИ 2. Уҳдадориҳо барои барҳам додани табъиз ... 7

МОДДАИ 3. Рушд ва пешбурди занон ... 15

МОДДАИ 4. Таъмини баробарии мардону занон ... 19

МОДДАИ 5. Нақши ҷинс ва қолабҳо ... 21

МОДДАИ 6. Истимори занон ... 23

МОДДАИ 7. Иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ... 25

МОДДАИ 8. Намояндагӣ ва иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ... 28

МОДДАИ 9. Шаҳрвандӣ ... 29

МОДДАИ 10. Таҳсилот ... 30

МОДДАИ 11. Шуғл ... 31

МОДДАИ 12. Дастрасии баробар ба хизматрасонии тиббӣ ... 37

МОДДАИ 13. Кӯмакҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ... 41

МОДДАИ 14. Занони деҳот ... 42

МОДДАИ 15. Қобилияти баробари ҳуқуқдории мардону занон ва ҳуқуқҳои баробари молумулкӣ ... 46

МОДДАИ 16. Никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ ... 47

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| **БҶ** | Бонки Ҷаҳонӣ |
| **ВНМО** | Вируси норасоии масунияти одам |
| **СО** | Суди олии ҶТ |
| **ХДФ** | Хоҷагии деҳқонию фермерӣ |
| **ЗВЗ** | Занони бо ВНМО/БПНМ зиндагикунанда |
| **Қонун дар бораи кафолатҳои давлатӣ** | Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» |
| **ДИП ҶТ** | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КБТЗ** | Конвенсия «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон» |
| **МБ** | Марказҳои бухронӣ |
| **ШВЗ** | Шахсони бо ВНМО/БПНМ зиндагикунанда |
| **ВКД** | Вазорати корҳои дохилии ҶТ |
| **ТБМ** | Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират |
| **ТБМ** | Ташкилоти байналмилалии меҳнат |
| **СМР** | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| **САҲА** | Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо |
| **СММ-занон** | Сохтори Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои баробарии гендерӣ ва васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои занон |
| **ТҶ** | Ташкилотҳои ҷамъиятӣ |
| **МҚК** | Муоинаи қувваи корӣ |
| **БКД** | Барномаи кафолатҳои давлатӣ |
| **КАТС** | Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| **ЗОД** | Бо зӯроварӣ дар оила дучоршуда |
| **ҚҲҶТ** | Қарори Ҳукумати ҶТ |
| **БРСММ** | Барномаи рушди СММ |
| **БРМ** | Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016–2020, 2021–2025 |
| **НТҶ** | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **МЗ** | Марказҳои захиравӣ |
| **КО** | Кодекси оилаи ҶТ |
| **ВАО** | Воситаҳои ахбори омма |
| **КМ** | Кодекси меҳнати ҶТ |
| **РКД** | Раёсати корҳои дохилӣ |
| **КҶ** | Кодекси ҷиноятии ҶТ |
| **КМҶ** | Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ |
| **ҲРУ** | Ҳадафҳои рушди устувор |
| **ЮНИСЕФ** | Хазинаи кӯдакони СММ |

# ПЕШГУФТОР

Маърузаи алтернативии чорум дар бораи рафти иҷрои Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон, ки парламенти мамлакат соли 1993 ба тасвиб расондааст, аз ҷониби Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии «Аз баробарии ҳуқуқӣ - ба баробарии воқеӣ» таҳия карда шуд».

Иттифоқи ташкилотҳои ҷамъиятии «Аз баробарии ҳуқуқӣ – ба баробарии воқеӣ» 22 майи соли 2008 созмон ёфта, соли 2017 аз нав созмон дода шуд. Иттифоқ дар асоси Шартнома дар бораи ҳамкорӣ, бе ташкили шахси ҳуқуқӣ амал карда, зиёда аз 50 ташкилоти ҷамъиятиро аз ш. Душанбе ва минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ муттаҳид менамояд.

Мақсади асосии иттифоқ – пурзӯр намудани саҳм ва таъсири ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар амалисозии Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон, раванди милликунонӣ, иҷро ва мониторинги иҷрои Ҳадафҳои гендерии рушди устувор оид ба пешбурди баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон дар асоси муттаҳидгардонии онҳо.

Дар ҳайати иттифоқ шӯроҳои минтақавӣ дар ВМКБ, вилояти Суғд, минтақаҳои Бохтар ва Кӯлоби вилояти Хатлон, НТҶ ва ш. Душанбе амал мекунанд. Аз рӯи самтҳои асосии тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба КБҲЗ гурӯҳҳои корӣ ташкил карда шудаанд.

Иттифоқ дар солҳои 2019–2022 бо мақсади ҷамъоварии маълумот барои таҳияи маърузаи алтернативии чорум мониторинги ҷамъиятӣ гузаронда, иҷрои ҳуҷҷатҳои қонунгузорию стратегӣ ва санадҳои зерқонуниро дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои занон ва пешбурди баробарии гендерӣ арзёбӣ намуд. Бо мақсади ҷалб намудани аъзоёни иттифоқ ба раванди таҳияи маъруза оид ба муҳокимаи усулҳои таҳияи маъруза, мушкилоти асосӣ ва тавсияҳо барои пешбурди баробарии гендерӣ вохӯриҳои машваратӣ баргузор карда шуданд.

Барои ҷамъбаст намудани маводи ҷамъовардаи аъзоёни иттифоқ ва таҳияи маърузаи ягона дар ҳайати зерин гурӯҳи коршиносон ташкил карда шуд: Бобосодиқова Г.Б., Бозрикова Т., Александрова Л., Абдунабизода Ш.

Мақсади асосии маърузаи алтернативӣ – пурра намудани маърӯзаи ҳукуматӣ бо маводи нав оид ба пешбурди баробарии гендерӣ дар Тоҷикистон, мушкилоти риояи баробарҳуқуқии воқеии мардону занон, тақвият додани нерӯи ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ТҶ) ва инкишоф додани муколама бо Ҳукумат, тайёр кардани пешниҳоду тавсияҳои ТҶ оид ба тарзу усулҳои иҷрои КБТЗ, сиёсати гендерии давлат, андешидани чораҳои мушаххаси таъсиррасонӣ бо мақсади рафъ намудани монеаҳое, ки ба пешбурди манфиатҳои занон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо дар Тоҷикистон халал мерасонанд.

Раванди таҳияи маърузаи алтернативӣ барои таҳкими нерӯи аъзоёни иттифоқ, муттаҳидсозии ҳаракати занон, рушди минбаъдаи муколама бо Ҳукумат ва васеъ намудани имкониятҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои иштирок дар раванди қабули қарорҳои Ҳукумат истифода бурда шуд. Ташкилотҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру мулоҳизаҳои худро оид ба ҳалли мушкилоти таъмини баробарҳуқуқии воқеии мардону занон дар ҷумҳурӣ баён дошта, ба ҳамкории минбаъда бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешбурди ҳуқуқҳои занон ва рафъи нобаробарии гендерӣ ҳавасмандӣ изҳор менамоянд.

## МОДДАИ 1. ТАБЪИЗ НИСБАТИ ЗАНОН

### ДАСТОВАРДҲО

Соли 2022 Қонуни нави ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» (минбаъд Қонун) қабул карда шуд, ки ба туфайли он ба қонунгузории миллӣ мафҳумҳои нав ворид карда шуданд. Қонун мафҳуми табъизи «бевосита» ва «бавосита», табъизи такроршаванда ва давомдорро муайян мекунад, ки ин ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброн барои зарари ғайримолумулкӣ ва (ё) зимни қабули қарор оид ба ҷарима барои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки дар Қонуни мазкур муайян шудаанд, ба инобат гирифта мешавад.

Қонун мафҳумҳои «таъқиби ҷинсӣ» ва «таъқиб дар ҷои кор»-ро ба сифати шаклҳои табъиз муайян кардааст, ки пештар дар қонунгузории Тоҷикистон дида намешуданд. Мафҳуми «чораҳои мусбат» (чораҳои муваққатӣ) бо мақсади дидани чораҳои муваққатӣ барои баланд бардоштани нақши занон ва гурӯҳҳои осебпазири занон дар ҷомеа муқаррар гардидааст.

Мафҳуми истифодашавандаи «табъиз» ва феҳристи кушодаи асосҳо барои табъиз имконият медиҳанд, ки муҳофизат аз табъиз бо асосҳои гуногун баррасӣ карда шавад, ҳатто агар онҳо номбар нашуда бошанд, масалан, оид ба ВНМО ё тамоюли шаҳвонӣ, чи тавре ки инро Кумитаи ҳуқуқи инсон тавсия медиҳад[1].

Ба сифати мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст, ки он экспертизаи зиддитабъизии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мегузаронад ва хулосаи худро оид ба мутобиқати лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ба қонунгузорӣ дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз пешниҳод мекунад, инчунин ариза ва шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсонро оид ба ҳолатҳои табъиз баррасӣ менамояд, ҳолатҳои табъизро дар сурати мавҷуд будани ариза ё шикоят ва бо ташаббуси худ меомӯзад ва тавсияҳои дахлдор пешниҳод менамояд[2].

### МУШКИЛОТ

Қонун дорои муқаррароти муҳим ва комилан пешрафта мебошад, аммо бе қабули механизмҳои ҳуқуқӣ ва ворид намудани тағйироти дахлдор ба дигар санадҳои қонунгузорӣ онҳо самараи дилхоҳ намедиҳанд.

Илова бар ин, бояд зикр намуд, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» мафҳуми «қолабҳои манфии гендерӣ»-ро тавзеҳ намедиҳанд, мақомоти давлатиро вазифадор намекунанд, ки ба муқобили онҳо мубориза баранд, инчунин дар ин қонунҳо ноҷоиз будани истифодаи ин ё он анъанае, ки ба бартарияти як ҷинс бар ҷинси дигар асос ёфта, принсипи баробарҳуқуқии мардону занонро вайрон мекунад, таъкид карда намешавад.

Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» манъи табъизро аз рӯи аломати ҷинс, аз ҷумла табъизи бевосита ва бавоситаро дар муносибатҳои оилавӣ, инчунин манъи табъизро аз рӯи аломати

[1] Бандҳои 1 ва 11 Мулоҳизаҳои умумии №18 – Роҳ надодан ба табъиз. Иҷлосияи сиюҳафтуми Кумитаи ҳуқуқи инсон (соли 1989). https://tbinternet.ohchr.org/_layouts/15/treatybodyexternal/Download.aspx?symbolno=INT%2fCCPR%2fGEC%2f6622&Lang=ru

[2] Моддаи 13 Қонуни ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз». 19 июли соли 2022, №1890.

ҷинс ва истифодаи чораҳои махсуси муваққатиро дар чунин мақомот, ба монанди прокуратура, мақомоти амният ва мудофиа танзим намекунад.

Қабули Қонуни нави ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва таҳияи санадҳои нави зерқонуниро барои таъмини иҷрои он талаб мекунад. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» оид ба тарзу усулҳои амалигардонии кафолатҳои давлатӣ тағйироти зарурӣ ворид бояд кард.

**ТАВСИЯҲО:**

Бо мақсади иҷрои самараноки Қонуни ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» зарур аст, ки:

- ✓ тартиби гузарондани экспертизаи ҳатмии зиддитабъизӣ, хусусан экспертизаи гендерии лоиҳаҳои асноди меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шавад;
- ✓ экспертизаи зиддитабъизии кодексҳои мурофиавии мамлакат, санадҳои зерқонунии мақомоти адлия, милитсия, прокуратура ва судҳо гузаронда, ба онҳо тағйиротҳои дахлдор ворид карда шаванд, бо таваҷҷуҳи хоса ба тафовути ҷинсҳо ва шахсоне, ки ба шаклҳои такроршавандаи табъиз дучор мешаванд;
- ✓ рӯихати мансабҳои (штати) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо назардошти гузоштани вазифаҳои иловагӣ ба зиммаи офиси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва ворид карда шудани тағйирот ба Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваклатдор оид ба ҳуқуқи инсон» васеъ карда шавад;
- ✓ нерӯи кормандони дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соҳаи гузарондани экспертизаи зиддитабъизӣ ва баррасии арзу шикоятҳо оид ба масъалаҳои табъизи давомдор баланд бардошта шавад;
- ✓ ба Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» дар қисми меъёрҳои манъи табъиз аз рӯи аломати ҷинс, ворид намудани мафҳуми «қолабҳои манфии гендерӣ», меъёрҳое, ки мақомоти давлатиро барои муқовимат ба паҳншавии қолабҳои гендерӣ вазифадор мекунанд, татбиқи чораҳои муваққатии махсус барои пешбарии занон ба чунин мақомот, ба монанди прокуратура, мақомоти амният ва мудофиаи мамлакат, инчунин ба мақомоти дигар иловаҳо ворид карда шаванд.

## МОДДАИ 2. УҲДАДОРИҲО БАРОИ БАРҲАМ ДОДАНИ ТАБЪИЗ

**ДАСТОВАРДҲО**

Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 2019 то соли 2022 бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва васеъ намудани имкониятҳои занон аз механизмҳои қонунгузорӣ, ниҳодӣ ва молиявӣ истифода кард. Дар Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2021–2025 ва Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои он барои ба даст овардани вазифаҳои гендерӣ дар фасли «Коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ», инчунин дар баъзе фаслҳои соҳавӣ маҷмуи тадбирҳо пешбинӣ карда шудаанд. Дар Стратегияи нави миллии фаъолгардонии нақши занон дар ҶТ барои солҳои 2021–2030 (соли 2021) бар хилофи Стратегияи пештара тибқи Қарори Ҳукумати ҶТ ба Вазорати молияи ҶТ супориш дода шудааст, ки маблағгузории онро аз буҷети давлатӣ барои солҳои 2022–2025 пешбинӣ намояд.

Барои васеъ намудани дастрасии духтарон ва занон ба таҳсилот чораҳои муваққатии махсус истифода бурда мешаванд. Маблағгузории грантҳои Президентӣ барои дастгирии соҳибкорзанон зиёд карда шудааст. Бо супориши Президенти мамлакат Барномаи давлатии дастгирии соҳибкории занон таҳия карда мешавад. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди

Ҳукумати ҶТ дар самти таъмини ҳуқуқҳои занону духтарон шаклҳои ҳамкориро бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият ва такмил медиҳад.

Яке аз иқдомҳои муҳим қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ»[3] ва Қонуни ҶТ «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти судҳо»[4] мебошад. Бо дастгирии БРСММ дар 34 шаҳру ноҳияи ҶТ 37 ҳуқуқшиноси давлатӣ фаъолият мекунад[5]. Хати алоқаи доимӣ барои додани машваратҳои ҳуқуқии ройгон ба табақаҳои осебпазири аҳолӣ бо рақами ройгони «3040» барои ҳамаи операторони мобилии мамлакат дар рӯзҳои корӣ аз соати 8:00 то соати 17:00 амал мекунад[6]. Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ» аз соли 2016 то ноябри соли 2020 ба 72856 нафар сокини мамлакат ёрии ройгони ҳуқуқӣ расонд[7]. Зиёда аз нисфи мизоҷони ҳамаи ҳуқуқшиносони давлатӣ занҳо мебошанд.[8]

Баъди як қатор таъқибу таҳқирҳои блогерзанон аз ҷониби мардҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо ташаббуси ҳомиёни ҳуқуқи гендерӣ ба ВКД ҶТ ва Ҳукумати ҶТ оид ба зарурати ворид намудани тағйирот ба моддаи 189 КҶ ҶТ, ки барои б**арангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ)** ҷазо пешбинӣ менамояд, муроҷиатнома таҳия карда шуд. Пешниҳод гардид, ки чунин асос – барангехтани кинаю адоват аз рӯи аломати ҷинс татбиқ карда шавад. Соли 2020 тағйирот ворид карда шуд, ки мувофиқи он барангехтани адовати иҷтимоӣ асос шуда метавонад. Ин мушкилотро чандон аниқ тавсиф накунад ҳам, вале ба ҳар ҳол амали мазкурро то андозае фаро мегирад.

## МУШКИЛОТ

Тоҷикистон тавсияи Кумитаи CEDAW-ро аз рӯи банди 10 дар бораи гирифтани изҳороти худ оид ба салоҳияти Кумита, ки бо моддаҳои 8 ва 9 Протоколи факултативӣ пешбинӣ гардидааст, иҷро накард. Ин масъала бо ҷомеаи шаҳрвандӣ муҳокима карда нашуд.

Парламенти мамлакат дар давраи ҳисоботӣ бо иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ҷанбаҳои гендерии қонунгузорӣ ягон муҳокимаи ҷамъиятӣ нагузаронд.

## ЗӮРОВАРИИ ШАҲВОНӢ ВА ГЕНДЕРӢ

### Омор ва қонунгузорӣ

Зӯроварӣ дар оила то ҳанӯз амали ҷиноятӣ дониста нашудааст. Мафҳуми зӯроварии гендерӣ дар қонунгузорӣ вуҷуд надорад ва, мувофиқан, тадбирҳои маҷмуии вокуниш ба он пешбинӣ нагардидаанд.

Мамлакат дар кори ҷамъоварии маълумоти ягонаи оморӣ оид ба масъалаҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарон суст пеш рафтааст. Чи тавре бандҳои 119 ва 120 Маърузаи миллии ҶТ нишон медиҳанд, маълумоти оморӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва маъмурӣ дар бораи зӯроварӣ дар оила имкон намедиҳанд, ки маълумот аз рӯи ҷинс нисбати гунаҳгорон ва ҷабрдидагон, инчунин муносибатҳои ҳамдигарии дар байни онҳо бавуҷудомада ва дараҷаи осебпазирии ҷабрдидагон таҳлил карда шавад.

---

[3] Аз ҷониби Президенти ҶТ 4 июли соли 2020, №1694 ба имзо расидааст.
[4] Аз ҷониби Президенти ҶТ 25 июни соли 2021, №1783 ба имзо расидааст.
[5] https://adliya.tj/ru/free_legal_assistance
[6] Манбаъ: «Азия-Плюс», 28 сентябри соли 2018. http://www.salac.tj/ru/news/978/
[7] http://www.salac.tj/ru/news/1048/ Дилноза Мирзоева, коромӯзи Муассисаи давлатии «Маркази ёрии ҳуқуқӣ»
[8] http://www.salac.tj/ru/news/974/

Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар давраи фаъолияти худ аз соли 2013 то соли 2022 дар масъалаи ҳифзи занону духтарон аз ҳама гуна шаклу намуди зӯроварӣ самаранокии пасти худро нишон дод.

1. Қонун бештар хусусияти пешгирикунанда дошта, ба нигаҳдории муносибатҳои оилавӣ нигаронида шудааст, сарфи назар аз он ки дар оила мунтазам зӯроварӣ содир карда мешавад.

2. Қонун доираи маҳдуди муносибатҳои оилавиро танзим менамояд, дар асоси далели зиндагии якҷоя ва никоҳи расмӣ чунин муносибатҳоро, ба монанди романтикӣ, шаҳвонӣ, муносибатҳои дӯстона, дар бар намегирад.

3. Қонун ҳуқуқҳои занону кӯдакони аз зӯроварӣ ҷабридидаро суст ҳимоя мекунад, хусусиятҳои зӯроварии шаҳвонӣ, ҳолати занҳои ҳомила ва гурӯҳҳои осебпазири занонро ба назар намегирад. Қонун вазъи махсуси кӯдакони қурбониёни зӯроварӣ ва шоҳидони зӯровариро инъикос намекунад, барои занону духтарони аз зӯроварӣ ҷабрдида маҷмуи пурраи хизматрасониҳои ройгони тавонбахширо пешниҳод намекунад, чи хеле ки инро стандартҳои байналмилалӣ талаб мекунанд. Барои таҷовузкорон ҳатман гузаштан аз барномаи таълимии ислоҳӣ пешбинӣ нашудааст. Дар масъалаи таъмини бехатарии ҷабрдидагон ва дастрасии онҳо ба адолати судӣ бисёр стандартҳои байналмилалӣ ба эътибор гирифта намешаванд.

4. Ташкили мақоми байниидоравии сатҳи баланд оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи сохторҳое, ки дар самти зӯроварӣ нисбати занону духтарон ва бозфиристии онҳо кор мекунанд, дар қонунгузорӣ пешбинӣ нашудааст.

5. Мақомоти прокуратура, суд, адлия, кумитаи дин, кумитаи ҷавонон ва варзиш ба сифати субъектҳое дониста нашудаанд, ки вазифадоранд ЗНЗД-ро пешгирӣ кунанд, дар мавридҳои ошкорсозии ЗНЗД бозфиристии ҷабрдидагонро таъмин намоянд, судҳо ва прокуратура бошанд, вокуниши зарурӣ нишон дода, ҷабрдидагонро зери ҳимоя гиранд.

6. Қонунгузорӣ зӯроварииеро, ки дар ҷойи кор, таҳсил ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ содир карда мешавад, танзим намекунад. Тамаъҷӯии шаҳвонӣ аз рӯи қонун тафтишу баррасӣ карда намешавад. Дар Лоиҳаи КҶ ҶТ тамаъҷӯии шаҳвонӣ чун рафтори ношояме муайян карда мешавад, ки аз ақидаи аҳли ҷомеа вобаста мебошад, на аз худи ҷабрдида (рафтори нохуб).

Кодекси меҳнати ҶТ манъи тамаъҷӯии шаҳвонӣ ва зӯроварии гендериро дар ҷои кор пешбинӣ наменамояд ва мубориза бурдан бо ин зухурот, инчунин таҳияи сиёсати муайян ва фароҳам овардани муҳити бехатарро ба қатори вазифаҳои кордиҳандагон дохил намекунад. Тоҷикистон Конвенсияи ТБМ №190-ро ба тасвиб нарасондааст.

**Хизматрасониҳо ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ**

Хизматрасониҳо танҳо барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила таъйин шудаанд, вале барои кӯдакон ва ҳамаи дигар шахсоне, ки аз ҳамаи намудҳои зӯроварии гендерӣ ва шаҳвонӣ ҷабр дидаанд, давлат ва қонунгузорӣ чунин хизатрасониҳоро пешбинӣ накардаанд. Бо вуҷуди он ки дар Душанбе барои ҷабрдидани зӯроварӣ дар оила паноҳгоҳи давлатии дорои 25 кат кушода шудааст, ин асло кофӣ нест. Дар мамлакат инчунин се паноҳгоҳи ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунанд, аммо онҳо маблағгузории доимӣ надоранд, гарчанде ки дараҷаи касбияти кормандони онҳо ва сифати ёрии расондашаванда дар сатҳи баланд қарор дорад.

22 ҳуҷраи тиббие, ки дар таваллудхонаҳо бо дастгирии донорҳо барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила кушода шудаанд, чандон самарабахш нестанд, онҳо амалан холиянд. Оид ба мониторинги ин ҳуҷраҳо ба аҳли ҷомеа ҳисобот пешниҳод карда намешавад.

Марказҳои психологӣ барои зарардидагони зӯроварӣ суст фаъолият мекунанд. Таълими босифати мутахассисони ин соҳа вуҷуд надорад. Хадамоти иҷтимоӣ ба бахши хизматрасонӣ ба зарардидагони зӯроварӣ дар оила дохил шавад ҳам, фаъолияти он чандон самарабахш нест, дараҷаи омодасозии мутахассисон паст аст.

Оид ба масъалаи зӯроварӣ дар оила дар системаи милитсия асосан Раёсати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ кор мекунад, ки ба фаъолияти нозирони зӯроварӣ дар оила (ҳамагӣ 17 нафар) ва нозирони минтақавӣ назорат менамояд. Дар минтақаҳо ба як нафар нозири минтақавӣ аз 5 то 7 ҳазор нафар аҳолӣ, дар баъзе минтақаҳо бошад, то 15 ҳазор нафар аҳолӣ рост меояд. Онҳо ғайр аз масъалаҳои зӯроварӣ дар оила, инчунин бо ошкор намудани даъватшавандагон, кор бо наврасони душвортарбия, кор бо истеъмолкунандагони машруботи спиртӣ ва моводи мухаддир, инчунин бо корҳои дигар машғул мебошанд. Умуман, дар соҳаи хизмати давлатӣ, системаи тандурустии давлатӣ ва маориф дараҷаи музди меҳнат паст аст, ки ин сабаби асосии набудани ҳавасмандӣ ба кор дар ин соҳаҳо ва сабаби коррупсия ба шумор меравад[9].

Дар амал ҳамаи муассисаҳои давлатие, ки ба раванди ёрирасонӣ ҷалб гардидаанд, кӯшиш мекунанд, ки ҷабрдидаро бо таҷовузкор оштӣ диҳанд ва бо ин ба виктимизатсияи такрории ҷабрдидагон мусоидат менамоянд. Расмиёти стандартии амалиётие, ки бо дастгирии ЮНФПА таҳия карда шудаанд, барои умум дастрас нестанд, мутахассисон дар бораи онҳо чизе намедонанд, онҳо дар Вазорати адлияи ҶТ ба қайди давлатӣ гирифта нашудаанд.

Дастрасии ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ ба экспертизаи тиббӣ, чун ба воситаи асосии исботи зӯроварӣ, аз сабаби пулакӣ будани он, кам будани миқдори коршиносони судию тиббӣ (ҳамагӣ ду нафар зан дар пойтахти мамлакат), шаффоф набудани танзими ҳуқуқии фаъолият ва музди он хеле маҳдуд мебошад.

Экспертизаи судию тиббӣ далели зӯровариро аз нуқтаи назари осебрасонӣ ба саломатии рӯҳии ҳамаи ҷабрдидагон баррасӣ намекунад, гузарондани экспертизаи рӯҳию психологӣ пешбинӣ карда намешавад.

## ТАВСИЯҲО

Қонуни ҶТ «Дар бораи зӯроварӣ нисбати занон ва зӯроварӣ дар оила» бо назардошти стандартҳои байналмилалии СММ дар таҳрири нав таҳия карда шавад, то ки он фаҳмиши маҷмуии зӯроварии гендериро чи аз тарафи шахсони алоҳида дар оила, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва чи аз тарафи давлат, саҳлангории он, инчунин ташкили Шӯрои ҳамоҳангсозии байниидоравиро оид ба мубориза бо зӯроварии гендерӣ дар сатҳи баландтарин, танзими ҳуқуқии он, аз ҷумла ташкили механизми бозфиристии ҷабрдидагонро пешбинӣ намояд.

Ба Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйирот ворид намуда, ҳамаи намудҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарон, аз ҷумла зӯроварӣ дар оила ва тамаъҷӯии шаҳвонӣ чун рафтори ношоистаи шаҳвонӣ ҷиноят дониста шавад. Меъёрҳои тиббии муайянсозии дараҷаи вазнинии зараре, ки аз амалҳои зӯроварона ба саломатии инсон расонда шудааст, ба сифати усули асосии исботи вазнинии зӯроварии содиршуда баррасӣ карда нашавад.

---

[9] Тоҷикистон – шохиси 150-уми дарки коррупсия. https://avesta.tj/2022/01/26/tadzhikistan-150-j-v-indekse-vospriyatiya-korruptsii/

Конвенсияи ТБМ №190 Дар бораи решакан намудани зӯроварӣ ва тамаъҷӯӣ дар соҳаи меҳнат ба тасвиб расонда шавад. Ба Кодекси меҳнати ҶТ бо назардошти тавсияҳои Конвенсияи ТБМ №190 тағйирот ворид карда шавад.

Шӯрои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ ташкил карда шавад, ки ба он шахси мансабдори на пасттар аз муовини Раиси Ҳукумати ҶТ роҳбарӣ намояд.

Барномаи нави фарогир оид ба мубориза бо ҳамаи намудҳои зӯроварии гендерӣ қабул карда шавад, ки дар он нишондиҳандаҳои андозашаванда, натиҷаҳои ба даст овардашаванда ва ҷудо кардани захираҳои кофии инсонӣ ва молиявӣ инъикос гардида бошанд.

Дар арзёбии исботи далелҳои зӯроварӣ нисбати занон ва ноболиғон стандартҳои Роҳбарияти СММ аз соли 2004 оид ба тафтиши самаранок ва ҳуҷҷатикунонии шиканҷаҳо ва дигар муомилаҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё пасткунандаи шарафу номус ва ҷазо татбиқ карда шаванд. Ҳатман экспертизаи психологию психиатрии далелҳои зӯроварӣ нисбати занону ноболиғон гузаронда, ба қонунгузории ҷиноятию мурофиавӣ тағйиротҳои дахлдор ворид карда шаванд.

Экспертизаи тиббӣ барои онҳое, ки аз ҳама гуна намудҳои зӯроварӣ зарар дидаанд, бояд ройгон бошад.

Занону кӯдаконе, ки аз ҳамаи намудҳои зӯроварии гендерӣ зарар дидаанд, ва кӯдакони шоҳиди зӯроварӣ бо маҷмуи хизматрасониҳои ройгони тавонбахшӣ ва ҷуброни зарари маънавию моддӣ таъмин карда шаванд.

Таълими мунтазами ҳамаи мутахассисоне, ки ба ҷабрдидагони зӯроварии гендерӣ хизмат мерасонанд (духтурон, равоншиносон, экспертҳои судию тиббӣ, кормандони иҷтимоӣ, кормандони милитсия ва прокуратура, адвокатҳо ва ҳуқуқшиносони давлатӣ), ба роҳ монда шавад.

Дараҷаи музди меҳнати ҳамаи муассисаҳои давлатие, ки ба мубориза бо зӯроварии гендерӣ ва зӯроварӣ нисбати кӯдакон ҷалб карда шудаанд, баланд бардошта шавад.

## ЗӮРОВАРИИ ШАҲВОНӢ НИСБАТИ КӮДАКОН[10]

Солҳои охир дар Тоҷикистон ҳодисаҳои зӯроварии шаҳвонӣ нисбати кӯдакон зиёд гардидаанд[11]. Одатан, дар ошкор намудани ҳодисаҳои зӯроварии шаҳвонӣ нисбати кӯдакон ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ва фаъолони алоҳидаи шаҳрвандӣ фаъолияти бештар нишон медиҳанд. Ба туфайли вокуниши фаъолон ва ташкилотҳои шаҳрвандӣ бисёр ҳодисаҳои зӯроварии шаҳвонӣ нисбати кӯдакон «рӯи об баромаданд», акси садо пайдо карданд, гунаҳгорон бошанд, ҷазо гирифтанд.

Комиссияи ҳуқуқи кӯдаки назди Ҳукумати ҶТ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдаки ҶТ, мақомоти прокуратура дар кори муҳофизати кӯдакон фаъолияти суст нишон медиҳанд, бо кӯдакон ва оилаҳои кӯдаконе, ки ба зӯроварӣ дучор гардидаанд, хеле кам вомехӯранд. Иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар мурофиаҳои судӣ, агар ҷой дошта бошад ҳам, он иштироки зоҳирӣ буда, асосан бо хоҳиши ташкилотҳои ҷамъиятие сурат мегирад, ки ба кӯдак ва оилаи ӯ ёрӣ мерасонанд. Дар мурофиаҳо оид ба зӯроварӣ нисбати занон

[10] Тавзеҳи қонунгузорӣ ва амал дар соҳаи зӯроварии шаҳвонӣ нисбати кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ».– Душанбе, с.2021.

[11] https://www.facebook.com/malika.jurakulova/posts/948057898248, https://your.tj/my-za-bezopasnost-nashih-detej-predstaviteli-grazhdanskogo-obshhestva-napisali-obrashhenie-rustami-jemomali/ Манбаъ: https://tj.sputniknews.ru /20211019/ubistvo-devochka-rudaky-sud-1042964401.html

Омбудсмен умуман иштирок намекунад. Умуман, дар системаи Омбудсмен муносибати гендерӣ суст татбиқ карда мешавад. Чунин вазъият дар минтақаҳо назар ба пойтахт хеле бадтар аст.

Меъёрҳои КҶ ҶТ оид ба ҷиноятҳои ҷинсӣ тибқи моддаҳои 138 – 142(1) КҶ ҶТ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мувофиқат намекунанд[12].

Ҷанбаҳои зерини парвандаҳо оид ба таҷовуз ба номус барои муҳофизати ҷабрдидагон аз таҷовуз ба номус, аз ҷумла кӯдакон монеа эҷод мекунанд:

– баҳисобгирии ҳатмии муқобилияти ҷисмонӣ дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ;
– пешакӣ донистани синни ҷабрдида ҳангоми таҷовуз ба номуси ноболиғ метавонад сабаби халосшавӣ аз ҷазо гардад;
– фосила барои муқаррар намудани ҳадди поёнии синну соли воридшавӣ ба муносибатҳои ҷинсӣ бидуни зӯроварӣ;
– дар асоси моддаи 138 КҶ ҶТ («Таҷовуз ба номус») таҷовуз ба номус метавонад танҳо нисбати зан содир карда шавад. Алоқаи ҷинсӣ бо писарбача бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он дар қонунгузории Тоҷикистон ба сифати таҷовуз ба номус баррасӣ карда намешавад, шахси гунаҳгор бошад, мувофиқи моддаи 139 КҶ ҶТ («Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ») ба ҷазо кашида мешавад. Ҷазои сабуктар.

Меъёрҳои Кодекси ҷиноятию мурофиавӣ ҳуқуқу талаботи шоҳидон ё ҷабрдидагони ноболиғ, хусусан кӯдакони аз 16 то 18-соларо пурра ба назар намегиранд.

## ТАВСИЯҲО

1. Барои таҷовуз ба номус, бо истифода аз таърифи таҷовуз, ки ҳамаи одамон, таҷовуз ба номус дар давраи дар никоҳ будан, ҳамаи ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ ва вуҷуд надоштани ризоиятро дар ҳамаи шаклҳо дар бар мегирад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шавад. Ҳолатҳои вазнинкунанда ва сабуккунанда бояд аз нав дида баромада, бо стандартҳо дар соҳаи ҳуқуқи инсон мувофиқ кунонда шаванд.

2. Кӯдакон-қурбониён бояд имконият дошта бошанд, ки баъди ба балоғат расидан дар бораи таҷовуз ба номус арз намоянд.

3. Дар муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи таҷовуз ба номус бояд ҳолатҳое қайд карда шаванд, ки дар онҳо муқаррарсозии вуҷуд надоштани ризоият талаб карда намешавад ё ризоият имконнопазир аст; масалан, вақте ки ҷабрдида дар муассисаи пӯшида, ба монанди маҳбас ё маркази нигоҳдорӣ дар ҳабси пешакӣ қарор дошта бошад, ё аз сабаби истеъмоли машрубот ва маводи мухаддир доимӣ ё муваққатан корношоям бошад;

4. Қонунгузорие, ки барои таҷовуз ба номус ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар мекунад, бояд дорои муқаррароте бошад дар бораи он ки ризоияти кӯдакони аз 16-сола поён аҳамият надорад ва ҳама гуна алоқаи ҷинсӣ бо шахсе, ки ба синни ризоият нарасидааст, таҷовуз ба номус (таҷовузи ҳақиқӣ) дониста мешавад, дар айни ҳол таърифи вуҷуд надоштани ризоият талаб карда намешавад. Алоқаи ҷинсӣ бо ризоияти тарафайни байни кӯдаки то 18-сола ва кӯдаки 15-сола ва аз ин боло аз ин истисно буда метавонад;

---

[12] Таҷовуз ба номус бояд чун ҳама гуна ҳаракати шаҳвонӣ бе ризояти қурбонӣ муайян карда шавад ва «ризоият бояд ба таври ихтиёрӣ дар натиҷаи майли озодонаи шахс дода шавад, дар айни ҳол чунин майл бояд дар заминаи ҳамаи ҳолатҳои ба ин вобаста арзёбӣ карда шавад» – Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон, *М.С. бар зидди Булғория*, шикояти №39272/98, қарор аз 4 декабри соли 2003, бандҳои 163 ва 166.

5. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ тартиби махсуси баррасии парвандаҳо дар бораи ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбати занону кӯдакон пешбинӣ намуда, ҳамаи манфиатҳои кӯдакон-курбониёни зӯроварӣ ва шоҳидони зӯроварӣ тибқи стандартҳои байналмилалии СММ ба эътибор гирифта шаванд. Категорияи парвандаҳо дар бораи зӯроварии гендерӣ бояд парвандаҳои айбдоркунии умумӣ дониста шаванд.

6. Феҳристи ягонаи шахсоне, ки барои ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбати кӯдакон маҳкум шудаанд, бо мақсади пешгирии аз тарафи онҳо содир карда шудани ҷиноятҳои такрории дорои ҳамин гуна хусусият тартиб дода шавад.

7. Марказҳои давлатии тавонбахшии кӯдакони аз зӯроварӣ ҷабрдида бо маҷмуи пурраи хизматрасониҳои дастрас ва ройгони тавонбахшӣ ва бо риояи принсипи махфият ва озодӣ аз табъиз таъсис дода шаванд.

**Дар соҳаи пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии шаҳвонӣ нисбати кӯдакон:**

Ҳангоми таҳия намудани сиёсати миллии мубориза бо ҳамаи шаклҳои зӯроварии гендерӣ ба маҷмуи техникии ТБТ «INSPIRE: Ҳафт стратегияи барҳам додани зӯроварӣ нисбати кӯдакон» такя карда шавад.

Кори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Комиссияи ҳуқуқи кӯдак оид ба пешгирӣ ва барҳам додани зӯроварии шаҳвонӣ нисбати кӯдакон ҷоннок карда шавад.

Тибқи дастури таҳиянамудаи ЮНЕСКО, таълиму тарбияи ҷинсӣ ба системаи таълими кӯдакон аз 5-солагӣ ворид карда шавад.

Дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, инчунин дар сатҳи ҷомеаи маҳаллӣ барои ба мураббиён, омӯзгорон, волидон ва наздикони кӯдак омӯзондани роҳу усулҳои ошкорсозии аломатҳои он ки кӯдак ба зӯроварии шаҳвонӣ дучор шудааст ё дучор мешавад, барномаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шаванд.

**Зӯроварии шабакавӣ**

Дар қонунгузории ҶТ мафҳуми зӯроварӣ ва таъқиби шабакавӣ вуҷуд надорад. Солҳои охир дар Тоҷикистон зуд-зуд ҳодисаҳои дастгир намудани занон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гӯё барои рафтори ношоями ба халқи тоҷик бегона рӯй медиҳанд. Ва ҳамаи ин ҳодисаҳо мавриди муҳокима, маҳкумсозӣ ва таънаю маломат қарор дода мешаванд[13].

## ТАВСИЯҲО

Амалияи таъқиби табъизии занон дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби ВКД ва дигар сохторҳои давлатӣ гӯё барои «рафтори бадахлоқона» қатъ карда шавад, Ба Кодекси ҷиноятии ҶТ мафҳуми «зӯроварии шабакавӣ» ва ҷавобгарӣ барои он ворид карда шавад.

## ДАСТРАСӢ БА АДОЛАТИ СУДӢ

Занҳо нисбат ба мардҳо ба адолати судӣ дастрасии маҳдудтар доранд, ки сабабҳои ин нобаробарии сохтории гендерӣ, вобастагии иқтисодии занон, сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии онҳо дар муқоиса бо мардон ва ба ҳукми анъана аз ҳаёти ҷамъиятӣ ҷудо мондани занҳо мебошанд. Инчунин монеаҳои хоси қонунгузорӣ, системавӣ ва маъмурие ҷой доранд,

[13] Муфассалтар: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20221209/publichnie-porki-i-pokayaniya-zhentshin-chto-proishodit-v-tadzhikistane?utm_source=gravitec&utm_medium=push&utm_campaign=

ки барои занҳо бағоят муҳим мебошанд – бесомониҳои бюрократӣ, сатҳи пасти саводнокии ҳуқуқии занон, хусусан занони деҳот, мавҷуд набудани маҷмуи хизматрасониҳои электронии давлатӣ, коррупсия ва тамаъҷӯии шаҳвонӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатии ҷинси мард.

Занону кӯдаконе, ки аз ҳама гуна намудҳои зӯроварии гендерӣ зарар дидаанд, на аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ ва на аз рӯи парвандаҳои гражданӣ ва маъмурӣ аз ёрии адвокатҳо (ёрии такрории ҳуқуқӣ) истифода намебаранд.

Маҳаки асосии ҷудо кардани адвокат аз ҳисоби давлат аз рӯи ҳамаи се категорияи парвандаҳо (ҷиноятӣ, гражданӣ ва маъмурӣ) камбизоатии шаҳрванд ва оилаи ӯ мебошад. Камбизоатӣ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии суроғаноки иҷтимоӣ» муайян карда мешавад. Ин тарзи муайнсозӣ ношаффоф буда, мақоми камбизоатӣ ба оилаҳое дода мешавад, ки дар онҳо сардори хонавода дар аксари мавридҳо мардҳо мебошанд[14].

Таҷрибаи баъзе қабулгоҳҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки занҳои аз маҳбас озодшуда, занҳои гирифтори ВНМО аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди табъиз қарор мегиранд, ҳам дар вақти тафтишот ва ҳам дар суд нисбати онҳо боғаразона муносибат карда, ба қонунвайронкуниҳои сершумори мурофиавӣ роҳ дода мешавад, аз ҷумла онҳо наметавонанд ба адвокат дастрасӣ пайдо намоянд[15].

Мониторинги мурофиаҳои судӣ аз рӯи парвандаҳои гражданӣ мавҷуд набудани инҳоро нишон дод: муҳити дастрас барои шахсони маъюб ва ҳаракаташон душвор, дастрасии онҳо ба воситаҳои гигиенӣ ва шустушӯй, иттилооти зарурӣ дар бораи фаъолияти судҳо, ҳассосияти пасти гендерии судяҳо.

Барномаи мукаммали таълими судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти прокуратура оид ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва гражданӣ дар масъалаҳои адолати судӣ бо назардошти муносибати гендерӣ ва ҳуқуқи инсон вуҷуд надорад.

Дар мақомоти милитсия, прокуратура ва судҳо дар байни судяҳо, муфаттишон, таҳқиқотчиён, ёварони прокурорҳо ҳанӯз ҳам миқдори занҳо кам аст. Прокурорзанон нестанд Миқдори умумии заноне, ки дар сохтори мақомоти милитсия кор мекунанд, ҳамагӣ 1585 нафарро ташкил медиҳад, аз онҳо афсарон 720 нафар зан, афсарзанон дар байни мансабдорони баландпоя – 94 нафар, муфаттишон – 3 нафар ва таҳқиқотчиён 3 нафар. Дар байни нозирони минтақавӣ ягон нафар зан нест[16]. Ин мушкилот аз ҷумла бо он алоқаманд аст, ки дар мактабҳои олии ҳуқуқшиносии мамлакат Ҳукумат барои духтарон квотаҳои кофӣ ҷудо намекунад.

Тавзеҳи ҳуҷҷатҳои соҳавӣ дар системаи мақомоти адлия, корҳои дохилӣ ва судӣ дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаи Нури рӯшноӣ Тоҷикистон – Ташаббуси муштараки Иттиҳоди Аврупо ва СММ оид ба решакан намудани зӯроварӣ нисбати занону духтарон нишон дод, ки дар аксарияти санадҳои меъёрие, ки фаъолияти онҳоро танзим менамоянд, меъёру муқаррароти танзимкунандаи масъалаҳои зӯроварии гендерӣ вуҷуд надоранд, дар онҳо аз ҷумла муносибати гендерӣ умуман дида намешавад. Санадҳои мазкур, ки дар сатҳи ВКД, СО ва ВА ҶТ қабул карда шудаанд, дар ВА ҶТ тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба сифати санадҳои дорои хусусияти ҳатмӣ аз қайди давлатӣ нагузаштаанд. Кодексҳои ахлоқи судяҳо ва кормандони милитсия низ дар кори ин сохторҳо ҷанбаҳои

[14] Тавзеҳи Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ». Л. Александрова, А. Ҳайдаров тибқи фармоиши ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» бо дастгирии техникии БРСММ лоиҳаи «Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ».– Душанбе, 2021.

[15] Маърузаи мавзуии алтернативӣ оид ба масъалаҳои мавриди табъиз қарор надодани занони бо ВНМО зиндагикунанда ва гурӯҳҳои калидии аҳолӣ. https://law.yale.edu/ghjp

[16] Мактуби судурии №12/14-2746 аз 25.11.2021 Раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии ВКД ҶТ.

гендерӣ, манъ будани тамаъҷӯии шаҳвонӣ ва дигар таъқибҳоро дар ҷои кор ба эътибор намегиранд ва, мувофиқан, таълими ҳатмӣ оид ба ин масъалаҳо вуҷуд надорад.

Нарасидани адвокатҳо дар тамоми мамлакат, ҳассосияти пасти гендерии онҳо ва вуҷуд надоштани таълими муттасил оид ба масъалаҳои гендерӣ дар адолати судӣ дастрасии занонро ба адолати судӣ маҳдуд менамоянд.

**ТАВСИЯҲО:**

1. Бо мақсади ҷудо кардани адвокат аз ҳисоби давлат барои занону кӯдакони аз зӯроварии шаҳвонӣ ва гендерӣ ҷабрдида ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» тағйирот ворид карда шавад.

2. Дар мавриди мунокишаҳои оилавӣ ё дар мавриди дастрасии баробар надоштани зан ба даромади оилавӣ барои муқаррар намудани ҳуқуқ ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳимояи давлатӣ аз маҳакҳои эҳтиёҷмандӣ, ки ба Муқаррароти роҳбарикунандаи СММ дар бораи дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ дар системаи адолати судии ҷиноятӣ асос ёфтаанд, истифода карда шавад[17].

3. Дар масъалаҳои адолати судӣ Тавсияи умумии Кумитаи СИДО №33 дар бораи дастрасии занон ба адолати судӣ ба эътибор гирифта шавад.

4. Ба маротиб зиёд намудани миқдори занон дар байни судяҳо, прокурорҳо ва ёварони прокурорҳо, таҳқиқотчиён, муфаттишон, нозирони минтақавии милитсия таъмин карда шавад.

5. Дар мактабҳои олии ҳуқуқшиносии мамлакат ва Академияи ВКД ҶТ барои духтарон ба миқдори кофӣ квотаҳо ҷудо карда шаванд.

6. Барои баланд бардоштани сатҳи ихтисоси адвокатҳо аз рӯи барномаҳои гендерӣ имконият фароҳам оварда шавад. Барои зиёд намудани миқдори адвокатҳо дар ҶТ, хусусан дар минтақаҳои дурдаст, аз ҷумла миқдори адвокатзанон, тадбирҳо андешида шаванд.

7. Судҳо бо ҷойҳои махсус барои интизоршавӣ, ҳуҷраҳои беҳдоштию гигиенӣ, ки эҳтиёҷоти мардон, занон ва шахсони маъюбро қонеъ мегардонанд, таъмин карда шаванд. Умуман, биноҳои судҳо бояд барои маъюбон ва шахсони маъюб ва душворҳаракат дастрас бошанд.

## МОДДАИ 3. РУШД ВА ПЕШБУРДИ ЗАНОН

**ДАСТОВАРДҲО**

Масъалаҳои пешбурди баробарии гендерӣ дар самтҳои асосии бартариятнок на танҳо дар Стратегияи умумии миллии рушди ҶТ дар давраи то соли 2030, балки дар чунин стратегияҳои соҳавӣ низ инъикос ёфтаанд:

- ✓ Стратегияи миллии ҶТ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар солҳои 2019–2030 (2019).

[17] Принсипҳо ва муқаррароти роҳбарикунандаи СММ дар бораи дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ дар сохторҳои адолати судии ҷиноятӣ, муқаррароти роҳбарикунандаи 1(f): «агар асоси тафтиши мавҷудияти маблағро ҳисоб кардани даромади шахсии оила ташкил диҳад, вале аъзоёни адоҳидаи оила бо якдигар дар ҳолати низоъ қарор дошта бошанд, ё ба даромадҳои оила дастрасии баробар надошта бошанд, пас барои тафтиши мавҷудияти маблағ танҳо даромади шахсе истифода бурда мешавад, ки дар бораи расондани ёрии ҳуқуқӣ дархост пешниҳод кардааст».

- ✓ Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими ҶТ дар давраи то соли 2030 бо назардошти омили гендерӣ (2019).
- ✓ Стратегияи миллии рушди омори ҶТ дар давраи то соли 2030 (2019).
- ✓ Нақшаи миллии чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои қарорҳои 1325 ва 2242-уми Шӯрои Амнияти СММ (2019) ва ғайра.

## МУШКИЛОТ

Бо вуҷуди амалисозии теъдоди зиёди стратегия ва барномаҳо оид ба пешбурди баробарии гендерӣ мониторинги ҷамъиятӣ ва арзёбии иҷрои онҳо, инчунин натиҷаҳои тадқиқот оид ба масъалаҳои таъмини ҳуқуқу имкониятҳои занон дар соҳаҳои гуногун на танҳо пешрафти сусти иҷрои мақсадҳои гузошташуда, балки дар муқоиса бо мардҳо паст шудани як қатор нишондиҳандаҳои занонро ошкор намуданд.

Илова бар ин, мавҷудияти ҷузъи гендерӣ дар ҳуҷҷатҳои сатҳи миллӣ, аз ҷумла дар сиёсати мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва кам кардани хавфи офатҳои табиӣ на ҳамеша дар санадҳои сатҳи соҳавӣ ва маҳаллӣ мушоҳида карда мешавад. Ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегии соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, захираҳои об ва соҳаҳои дигар тағйиру иловаҳои дорои ҷанбаҳои гендерӣ ворид кардан зарур аст.

Таҳлили ҳисоботҳои ҷаҳонӣ ва натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии Стратегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030, Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016–2020 (БРМ-2016–2020) нишон медиҳад, ки қимати Шохиси (индекси) рушди гендерӣ (Gender development index) дар Тоҷикистон аз соли 2015 то соли 2019 аз 0,930 то 0,799 паст шудааст. Дар солҳои 2021/2022 нишондиҳанда беҳтар шуд, вале он ба дараҷаи соли 2015 нарасид. Агар дар оғози иҷрои БРМ-2016–2020 мамлакат аз рӯи ин нишондиҳанда ба гурӯҳи 3-юми мамлакатҳо дохил шуда бошад, пас дар соли 2019 ба гурӯҳи 5-ум гузашт,[18] дар соли 2021/2022 нишондиҳанда беҳтар гардид, аммо Тоҷикистон танҳо ба гурӯҳи 4-ум гузашту халос. Яқинан сабаби ин дар он аст, ки қисми зиёди тадбирҳои дар БРМ-2016–2020 ба нақша гирифташуда оид ба истифодаи усулҳои гуногуни амалисозии сиёсати гендерӣ ва васеъ намудани имкониятҳои занон дар ин давра иҷро карда нашуданд.

Сарфи назар аз тақвият ёфтани Механизми миллии беҳдошти вазъи занон – Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ (ККЗО) иҷрои вазифаҳоро оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон ва васеъ намудани имкониятҳои онҳо бе иштироки фаъолонаи ҳамаи вазорату идораҳои соҳавӣ таъмин кардан душвор аст.

Дар байни вазоратҳо чунин фикр васеъ паҳн шудааст, ки барои масъалаҳои пешбурди баробарии гендерӣ дар мамлакат танҳо ККЗО чун мақоми ваколатдор ҷавоб медиҳад. Ҳол он ки мушкилоти ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва барҳам додани нобаробарии гендерӣ хусусияти байнисоҳавӣ дошта, дахолати ҳамаи вазоратҳои соҳавиро талаб мекунад. Ғайр аз ин, барои таҳия ва иҷрои сиёсат оид ба рушди ин ё он соҳа вазоратҳои соҳавӣ ҷавоб медиҳанд. Пас барои ҳалли мушкилоти гендерӣ ва барҳам додани табъиз нисбати занон дар ин ё он соҳа маҳз вазорати соҳавӣ масъул мебошад. Ҳамаи ин талаб мекунад, ки дар ҳар як вазорати соҳавӣ барои таҳия ва иҷрои сиёсат оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон ва пешбурди баробарии гендерӣ ё сохтори мушаххас ва ё корманди масъул вуҷуд дошта бошад. Аммо тадбирҳои дар БРМ-2016–2020 ва Нақшаи миллии амалиёт барои иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ дар бораи барҳам додани табъиз нисбати занон дар солҳои 2019–

[18] Нишондиҳандаи рушди гендерӣ (НРГ): нишондиҳандае, ки барои андозагирии баробарии гендерӣ таъйин шудааст; таносуби қиматҳои занону мардон дар Шохиси рушди инсонӣ (ШРИ). Гурӯҳҳои ШРИ: мамлакатҳо аз рӯи дуршавии мутлақи қиматҳои ШРИ аз баробарии гендерӣ ба панҷ гурӯҳ тақсим карда шудаанд, аз 1 (ба баробарии гендерӣ аз ҳама наздик) то 5 (аз баробарии гендерӣ аз ҳама дур).

2022 ба нақша гирифташуда оид ба ташкили гурӯҳҳои гендерӣ дар вазоратҳои соҳавӣ иҷро карда нашуданд.

Натиҷаҳои мониторинги ҷамъиятӣ ва арзёбии иҷрои Тавсияҳои Кумита оид ба ККЗО вуҷуд доштани омилҳои системавиеро тасбит менамоянд, ки ба амалисозии самараноки сиёсат оид ба васеъ намудани имкониятҳои занон ва таъмини баробарҳуқуқии воқеии занону мардон дар ҷумҳурӣ монеъ мешаванд. Ба рӯихати омилҳои системавие, ки ба иҷрои чи умуман сиёсат оид ба таъмини баробарҳуқуқии воқеии ва чи ба сиёсат дар соҳаҳои гуногун монеъ мешаванд, инҳоро дохил кардан мумкин аст:

Вуҷуд надоштани муносибати комили байнисоҳавӣ ҳангоми чораҷӯиҳо барои васеъ намудани имкониятҳои занон ва таъмини баробарҳуқуқии гендерӣ дар соҳаҳои гуногун. Аксар вақт ба назар гирифта намешавад, ки на танҳо дар ин соҳа, балки дар соҳаҳои дигар низ ҳалли ин ё он мушкилоти нобаробарҳуқуқии занон дар соҳаҳои мушаххас аз як қатор омилҳо, инчунин аз фаъолияти сохторҳои ниҳодии гуногун оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои занон вобастагӣ дорад.

Вуҷуд надоштани тарзу усулҳои самараноки иҷрои меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба баробарҳуқуқии занону мардон дар ҳамаи соҳаҳо ва татбиқи сусти муносибатҳои гендерӣ дар қонунгузории соҳавӣ.

Маҳдуд ва суст будани механизмҳои ниҳодии ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва сиёсати гендерӣ. Сатҳи пасти ҳассосияти гендерии кормандони мақомоти ҳамаи шохаҳои ҳокимият.

Рушди нокифояи низоми мониторинг ва арзёбии муттасил, маҳдуд будани нишондиҳандаҳои гендерии амалисозии сиёсат оид ба пешбурди занон ва таъмини баробарҳуқуқии воқеӣ.

Вуҷуд надоштани амалияи буҷетсозии гендерӣ ва нарасидани захираҳои молиявӣ барои иҷрои тадбирҳои ба нақша гирифташаванда оид ба васеъ намудани имкониятҳои занону духтарон.

Қолабҳои гендерие, ки дар ҳамаи соҳаҳо ба пешбурди ҳуқуқҳои занон монеъ мешаванд, сарбории вазнини занон, ки бо корҳои хона алоқаманд аст. Ҳангоми ба нақша гирифтани фаъолият дар ин ё он самт нокифоя ба ҳисоб гирифтани сабабҳои сохтории нобаробарҳуқуқии занону мардон (дастрасии маҳдуди занон ба захираҳои гуногун, ба равандҳои қабули қарорҳо, зӯроварӣ нисбати занон).

Суст равона карда шудани барномаю тадбирҳои таҳияшаванда ба арзёбии имкониятҳои воқеии занон ва ба натиҷаҳои бо мардҳо баробар. Аз рӯи ҷамъбасти арзёбии гузарондашуда оид ба иҷрои ҲРУ 5 «Таъмини баробарии гендерӣ ва васеъ намудани ҳуқуқу имкониятҳои ҳамаи занну духтарон» Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳон ба гурӯҳи бухронии мамлакатҳо дохил мешавад: *«мушкилоти асосӣ ҳанӯз ҳам ҳал карда нашудаанд. Арзёбӣ аз ставкаи зарурӣ камаш 50% паст ё баланд мешавад».*[19] Ин маънои онро дорад, ки вазифаҳои гендерии ҲРУ 5 алҳол камтар аз 50% иҷро шудаанд.

Татбиқи сусти муносибати ҳирфаӣ дар арзёбии имконияту талаботҳои гурӯҳҳои гуногуни занон (занони деҳот ва шаҳр, ҷавон ва калонсол, солим ва маъюб ва ғ.) ҳангоми банақшагирии фаъолият. Занҳо одатан чун гурӯҳи якҷинса арзёбӣ ва дарк карда мешаванд.

Баҳисобгирии сусти хатару таҳдидҳои нав ва таъсири онҳо ба занон (муҳоҷирати бенизом, густариши меъёрҳои падарсолорӣ дар ҷомеа, никоҳи бармаҳал ва ғ.).

[19] https://dashboards.sdgindex.org/profiles/TJK

**ТАВСИЯҲО**

Барои рушд ва пешбурди занон, ноил гардидан ба баробарҳуқуқии гендерии воқеӣ ва дар ҳамаи соҳаҳо ба даст овардани натиҷаҳои ба нақша гирифташуда аз иҷрои КБТЗ ва ҲРУ мебояд ҳангоми ҳал намудани мушкилоти нобаробарии гендерӣ аз муносибати анъанавии соҳавӣ дур шуд. Дар ҳамаи соҳаҳо ва дар ҳамаи сатҳҳо (дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ) тадбирҳои мукаммал ва ҳамгироишудаи сиёсат заруранд. Тадбирҳои алоҳида натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд.

Ҳангоми андешидани тадбирҳо барои иҷрои КБТЗ бо назардошти принсипҳо ва хусусиятҳои нави ҲРУ дар масъалаи васеъ намудани имкониятҳои занон ва таъмини баробарии гендерӣ ба инҳо такя кардан зарур аст:

- ✓ Зарурияти баҳисобгирии робитаи зичи ҳамдигарии баробарии гендерӣ, рушди иқтисод ва суботи экологӣ.
- ✓ Ҳангоми муайян кардани тадбирҳо ба бартараф намудани сабабҳои сохтории нобаробарии гендерӣ диққат додан зарур аст, аз ҷумла ба инҳо: таъмини баробарии гендерӣ ҳангоми тақсим кардани ҳамаи намудҳои захираю имкониятҳо; таъмини ҳаёти бидуни зӯроварӣ нисбати занону духтарон; ҷалб намудани занон ба раванди қабули қарорҳо дар бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ.
- ✓ Таваҷҷуҳ ба таъмини баробарҳуқуқии воқеии занону мардон ва ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз, аз ҷумла табъизи бавосита.
- ✓ Фарогирӣ ва амалисозии принсипи «Ягон кас ба ақиб гузошта нашавад» - асоси сиёсати амалишаванда. Ҳамгироии тарзу усулҳои гуногун дар раванди арзёбии имкониятҳои занон ва андешидани тадбирҳо барои бартараф намудани нобаробарии гурӯҳҳои гуногуни занон (занони деҳот ва шаҳр, маъюбон, ШВЗ, занони сатҳи маълумоташон паст, занҳо аз ақаллиятҳои миллӣ, муҳоҷирон ва ғ.)
- ✓ Васеътар истифода бурдани нерӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва дигарон.

Бо мақсади ба вуҷуд овардани тарзу усулҳои самараноки ниҳодии байнисоҳавӣ барои таъмини иҷрои стратегияю барномаҳои миллӣ ташкили Шӯрои ягонаи ҳамоҳангсози назди Ҳукумати ҶТ оид ба васеъ намудани имкониятҳои занон ва барҳам додани нобаробарии гендерӣ мувофиқи мақсад аст. Шӯро дар ҳайати худ ташкил намудани комиссияҳо/шӯроҳоро бо иштироки намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба самтҳои асосии таъмини баробарҳуқуқии воқеии занону мардон пешбинӣ менамояд.

Роҳи дигари имконпазири мустаҳкам намудани механизмҳои байнисоҳавии амалисозии сиёсати гендерӣ ҷоннок намудани фаъолияти 14 гурӯҳи кории байниидоравии назди Шӯрои рушди миллии назди Президенти ҶТ мебошад, ки бо мақсади таъмини ҳамгироии мақсаду вазифаҳои СМР-2030 ва ҲРУ дар соҳаи баробарии гендерӣ дар барномаҳои соҳавию маҳаллии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, раванди буҷетӣ, инчунин ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, агентиҳои СММ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шарикони рушд, ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ ва дигар тарафҳои манфиатдоре, ки дар соҳаи таъмини баробарии гендерӣ ва дар соҳаҳои дигар фаъолият мекунанд, ташкил карда шудаанд.

Бо мақсади таҳия ва амалисозии сиёсати иқлимӣ ва ҳамгироии муносибатҳои гендерӣ Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ ба ҳайати Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба экология, ҳолатҳои фавқулода ва тағйирёбии иқлими Шӯрои рушди миллии назди Президенти ҶТ, Платформаи миллии паст кардани хавфи офатҳои табиии назди Комиссияи давлатии Ҳукумати ҶТ оид ба ҳолатҳои фавқулода, инчунин ба ҳайати Гурӯҳи корӣ оид ба тайёр кардани Иттилооти миллӣ тибқи Конвенсияи соҳавии СММ дар бораи тағйирёбии иқлим ворид карда шавад.

Таъмини иҷрои тадбирҳои пештар дар Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016–2020 (СМР) ба нақша гирифташуда дар бораи фаъолияти шахсони масъул ё бахшҳои сохторӣ/гурӯҳҳои гендерӣ дар вазоратҳо оид ба таҳия ва иҷрои сиёсати васеъ намудани имкониятҳои занон ва таъмини баробарии гендерӣ.

Дар чаҳорчӯбаи механизмҳои стратегӣ ва ниҳодии пешбурди рӯзномаи гендерии иқлимӣ тибқи тавсияҳои Барномаи васеи кории Лима Нақшаи амалиёт оид ба масъалаҳои гендерӣ ва амалисозии сиёсат оид ба мутобиқшавии ҶТ ба иқлим муҳокима ва қабул карда шавад. Тибқи тавсияҳои Барномаи кории Лима институти Ҳамоҳангсози миллӣ оид ба сиёсати гендерии мутобиқшавӣ ба иқлим таъсис дода шавад.

Гузарондани мониторинг ва арзёбии мунтазами иҷрои стратегияю барномаҳои миллии иқтисодӣ ва гендерӣ дар асоси нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) таҳияшуда. Тибқи Қонун дар бораи кафолатҳои давлатӣ ҳар сол тайёр ва чоп кардани ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ дар ВАО ва дар сомонаҳои вазорату идораҳо.

Зиёд кардани маблағҳои мақсадноки молиявӣ аз буҷети давлатӣ барои амалисозии тадбирҳо оид ба васеъ намудани имкониятҳои занон, ки дар нақшаи амалиёти СМР-2021–2025, Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ барои солҳои 2014–2023 ва ҳуҷҷатҳои дигар пешбинӣ гардидаанд. Ҷорӣ намудани буҷетсозии гендерӣ дар раванди таҳия ва иҷрои буҷети давлатии ҳарсолаи ҶТ.

Такмил додани омори гендерӣ дар асоси васеъ намудани рӯихати маълумоти муфассал оид ба ҷинс ва дигар нишондиҳандаҳои гендерӣ дар махзани маълумоти сомонаи Агентии омори назди Президенти ҶТ, аз ҷумла маълумот оид ба соҳибкории занон бо илова намудани маълумоти нави оморӣ дар бораи дастрасӣ ба кредитҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳо оид ба қарзгирандагон аз рӯи ҷинс ва бо тақсим намудан ба аҳолии шаҳр ва деҳот, инчунин ба бахшҳои қарзҳои додашуда (кишоварзӣ, савдо, истеҳсолоти саноатӣ ва ғ.).

Васеъ намудани маълумоти таснифшуда оид ба ҷинс ва дигар нишондиҳандаҳои гендерӣ дар маҷмуаҳои соҳавӣ: дар соҳаҳои меҳнат, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва ғ., инчунин дар маҷмуаҳо оид ба натиҷаҳои муоинаҳои интихобӣ бо роҳи ворид намудани маълумоти оморӣ на фақат аз рӯи умуман ҷинс, балки аз рӯи чунин категорияҳо: мардону занони деҳот ва шаҳр, гурӯҳҳои гуногуни синнусолии мардону занон, занону мардони маъюб ва ғ.

Беҳтар намудани ҳамоҳангсозии фаъолияти байни донорҳо бо мақсади баланд бардоштани натиҷанокии лоиҳаҳои амалишаванда оид ба баробарии гендерӣ дар ҷумҳурӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои молиявӣ ва инсонӣ.

Фаъолонатар ҷалб намудани ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба раванди таҳия ва иҷрои сиёсат оид ба пешбурди баробарҳуқуқии гендерӣ. Васеъ истифода бурдани муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, вохӯриҳои машваратӣ, лоиҳаҳои муштарак ва дигар шаклҳои ҳамкорӣ.

## МОДДАИ 4. ТАЪМИНИ БАРОБАРИИ МАРДОНУ ЗАНОН

### ДАСТОВАРДҲО

Дар Тоҷикистон аз соли 1997 сар карда, дар масъалаи истифода бурдани чораҳои махсуси муваққатӣ барои таъмини ҳуқуқҳои занон: квотаҳои Президентӣ ҳангоми дохилшавии духтарони деҳот ба мактабҳои олӣ, грантҳои Президентӣ барои соҳибкорзанон, стипендияҳои Президентӣ барои талабагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, донишҷӯёни мактабҳои олӣ, мактабҳои миёнаи махсус ва ғ. таҷрибаи фаровон андӯхта шудааст.

Барои ҷалб намудани миқдори бештари занон ба хизмати давлатӣ дар моҳи апрели соли 2017 ба Низомномаи тартиби гузарондани озмун барои ишғол намудани вазифаҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тағйирот ворид карда шуд. Тибқи ин тағйирот, агар зан бори аввал дар озмун барои таъйиншавӣ ба вазифа иштирок намояд, ба ӯ се холи иловагӣ дода мешавад. Мувофиқи қоидаи мазкур дар соли 2018 74 нафар зан ба вазифаҳои гуногуни хизмати давлатӣ таъйин карда шуданд.

Дар моддаҳои 1 ва 11 Қонуни нави ҶТ «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» асосҳои ҳуқуқии чораҳои муваққатии махсус ва чораҳои мусбат ҷиҳати таъмини иҷрои пурра ва самараноки ҳуқуқҳо, озодиҳо ва имкониятҳои баробаре, ки қонунгузории ҶТ пешниҳод намудааст, зикр ёфтаанд. Дар моддаи 11, банди 2 гуфта шудааст: «*Чораҳои мусбат ин чораҳои муваққатии махсуси қонунгузорӣ, маъмурӣ ва амалӣ мебошанд, ки ба ҳифзи шахсони нисбат ба шахсони дигар дар шароитҳои номусоид қарордошта ҷиҳати бартараф намудани ҳолати номусоиди дар гузашта бавуҷудомада ва таъмини ноилшавии баробарии комил равона карда шудаанд.*»

## МУШКИЛОТ

Аз се тавсияи Мулоҳизаҳои хотимавии Кумита оид ба маърузаи даврии шашум мувофиқи банди 22 «Чораҳои муваққатии махсус» як тавсия қисман иҷро карда шуд – ин ба вуҷуд овардани асоси ҳуқуқӣ ва ворид намудани мафҳуми «чораҳои мусбат» ба қонунгузорӣ мебошад. Акнун барои санадҳои меъёрии зерқонунӣ ҷиҳати татбиқи чораҳои муваққатии махсус дар соҳаҳои гуногун механизмҳои мувофиқро муфассал таҳия кардан лозим аст.

Ҳукумати Тоҷикистон солҳои зиёд аст, ки чораҳои мувақатии махсусро дар соҳаи таҳсилот дар шакли квотаҳои президентӣ барои васеъ намудани дастрасии духтарони деҳот ба таҳсилоти олӣ истифода мебарад. Вале механизми мазкур барои васеъ намудани имкониятҳои духтарчаҳо ва духтарону занон дар дигар зинаҳои таълим, аз ҷумла таълими калонсолон суст истифода бурда мешавад.

Дар айни ҳол қисми зиёди квотаҳои Президентӣ дар мактабҳои олӣ ба ихтисосҳои педагогӣ рост меояд. Квотаҳо барои ихтисосҳои даркорӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, идоракунӣ ва соҳаҳои дигар қисми ночизро ташкил медиҳанд. Квотаҳо барои ҷалб намудани духтарон ба гирифтани ихтисос дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус дар соҳаҳои ғайрианъанавӣ: энергетика, кишоварзӣ хеле каманд. Сарфи назар аз он ки дар соли таҳсили 2021/22 ҳиссаи духтарон дар байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ дар соҳаи энергетика ҳамагӣ 3,9%, кишоварзӣ – 6,8%-ро ташкил медиҳад[20], ин механизм барои зиёд намудани шумораи занон дар байни мутахассисони ин соҳаҳо пурра истифода бурда намешавад. Барои таълими занон дар Академияи ВКД ва дигар муассисаҳои таълимӣ дар соҳаҳои адолати судӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аз квотаҳо истифода намебаранд.

Солҳои зиёд аст, ки барои соҳибкорзанон грантҳои Президентӣ татбиқ карда мешаванд. Аммо чораҳои махсус барои ҳавасмандгардонии гузариши соҳибкорзанон аз бахши ғайрирасмӣ ба бахши расмӣ истифода бурда намешаванд.

Бо мақсади беҳтар дарк намудани аҳамияти истифодаи чораҳои муваққатии махсус зарур аст, ки сатҳи огоҳии мансабдорони дахлдори давлатӣ, вакилони парламент, кордиҳандагон ва умуман аҳли ҷомеа дар бораи хусусиятҳои чораҳои муваққатии махсус ва аҳамияти онҳо дар кори тезондани раванди ба даст овардани баробарии ҳақиқии байни мардону занон дар ҳамаи соҳаҳое, ки дар онҳо миқдори занон кофӣ нест ё онҳо дар вазъи номусоид қарор доранд, мунтазам баланд бардошта шавад.

---

[20] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Таҳсилот дар ҶТ.– Душанбе, 2022, с.80.

Ҳоло арзёбӣ кардани таъсири чораҳои истифодашавандаи махсус нисбати занон ҳангоми гузарондани озмун барои ишғол намудани вазифаҳо ба афзоиши теъдоди занон дар байни ҳайати роҳбарикунандаи хизматчиёни давлатӣ душвор аст. Аз як тараф, ин чора бештар ба мақомоти ҳокияти иҷроия дахл дорад. Аз тарафи дигар, ба гумон аст, ки бо як чора вазъиятро дар соҳаи ҷалб намудани занон ба раванди қабули қарорҳо тағйир додан мумкин бошад, зеро ба ин раванд проблемаҳои зиёде таъсир мерасонанд. Масалан, дар Низомномаи захираи кадрҳои хизмати давлатии ҶТ, ки бо Фармони Президенти ҶТ №523 аз 27 январи соли 2023 тасдиқ шудааст, барои зиёд намудани намояндагии занон дар хизмати давлатӣ ягон хел чораҳои махсус пешбинӣ нагардидаанд.

## ТАВСИЯҲО

1. Оид ба ворид намудани тағйирот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи усулҳои истифодаи чораҳои муваққатии махсус барои васеъ намудани имкониятҳои занон дар соҳаҳои гуногуни иқтисод, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кишоварзӣ, мудофиа ва амният, мақомоти маҳаллии иҷроия ва қонунгузори ҳокимияти давлатӣ ва ғ. маҷмуи пешниҳодҳо таҳия карда шавад.

2. Дар соҳаи таҳсилот барои духтарони шаҳрӣ низ аз рӯи ихтисосҳои зарурӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, идоракунӣ, энергетика ва соҳаҳои дигар квотаҳо муқаррар карда шаванд.

3. Ҳангоми андешидани чораҳои мусбати муваққатии махсус дар самтҳои гуногун самаранокӣ ва таъсири мусбати онҳо ба васеъ намудани имкониятҳои занон, аз ҷумла занон аз гурӯҳҳои гуногуни вазъияташон номусоид, зери назорат қарор дода шавад.

4. Бо мақсади амалисозии принсипи ҲРУ «Ягон кас ба ақиб гузошта нашавад» ба истифодаи чораҳои муваққатии махсус нисбати занҳои маъюб, ақаллиятҳои миллӣ, занони деҳот, занон аз хонаводаҳои камбизат ва гурӯҳҳои дигари занон диққати хоса дода шавад.

5. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» дар қисми манъ кардани табъиз аз рӯи аломати ҷинс, татбиқи чораҳои муваққатӣ дар чунин мақомот, ба монанди прокуратура, мақомоти амният ва мудофиаи мамлакат иловаҳо ворид карда шаванд.

# МОДДАИ 5. НАҚШИ ҶИНС ВА ҚОЛАБҲО

## МУШКИЛОТ

Рӯихати чорабиниҳои дар мамлакат дар сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ гузарондашуда, аз ҷумла вохӯриҳо бо аҳолӣ, мизҳои мудаввар, барномаҳои телевизион ва радио, паҳн намудани маводи иттилоотии гуногун оид ба мушкилоти баробарҳуқуқии занон, пешбурди баробарии гендерӣ, ноҷоиз будани зӯроварӣ нисбати занону духтарон хеле калон аст.

Дар айни ҳол натиҷаҳои тадқиқотҳои пештар дар ҷумҳурӣ гузарондашуда нишон медиҳанд, ки аҳли ҷомеа нисбати тағйир додани амсилаҳои иҷтимоию фарҳангии рафтори мардону занон, инчунин пурзӯр намудани нақши занон на ҳамеша ба таври мувофиқ муносибат мекунад. Занон ба мушкилоти зиёде дучор мешаванд: зиддияти нақшҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ, афкори умум, ки ба тарафи падарсолорӣ майл дорад, муносибати нописандона нисбати зан ва ғ. Қолабҳои гендерие, ки аз кӯдакӣ дар ҷомеа ва дар коллективҳои меҳнатӣ реша давондаанд, ҳоло ҳам ба интихоби касб ва пешравии мансабии занон сахт таъсир мерасонанд. Одатан, ҳам шаҳрвандони қаторӣ ва ҳам миқдори зиёди кормандони мақомоти ҳокимият ин қолабҳоро анъанаҳои фарҳангӣ ва менталитети шарқӣ номида, ҳақ мебароранд.

Тағйир додани амсилаҳои иҷтимоию фарҳангии рафтори мардону занон вазифаи басо душвор буда, ҳам вақти бисёр ва ҳам амалҳои мақсадноку мувофиқашудаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро талаб мекунад.

Қариб дар ҳамаи ҳисоботҳои миллӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ба зарурати решакан намудани қолабҳои гендерӣ ва таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ доир ба аҳамияти ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва ноҷоиз будани табъиз ва кирдорҳои зарарнок таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Аммо сарфи назар аз он ки аҳамияти таҳияи *«Стратегияи фаъоли коммуникатсионии давлат оид ба пешбурди баробарии гендерӣ, бартараф намудани қолабҳои гендерӣ дар бораи нақши занону мардон дар ҷомеа ва оила, тағйир додани ақидаи аҳли ҷомеа ва шаклҳои рафторе, ки зӯроварӣ нисбати занону духтарон, никоҳҳои бармаҳал ва хешутабориро ҳақ мебароранд»* дар СМР-2021–2025 эълон карда шудааст, чунин стратегия вуҷуд надорад ва он бо «*Силсилаи барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, мақолаҳо дар ВАО оид ба баробарии гендерӣ, бартараф намудани қолабҳои гендерӣ дар бораи нақши занону мардон дар ҷомеа ва оила*» маҳдуд мешавад»[21]. Бинобар ин чорабиниҳои гузарондашаванда ба тағйирёбии афкори ҷомеа дар бораи нақшҳои гендерӣ, ноҷоиз будани зӯроварӣ нисбати занону духтарон ва ғ. бағоят суст таъсир мерасонанд.

Тибқи банди 24 мулоҳизаҳои Кумитаи СММ, аз панҷ тавсия танҳо як тавсия қисман иҷро карда шудааст, чор тавсияи дигар иҷро нагардидаанд, аз ҷумла таҳия, қабул ва татбиқи стратегияи фарогир бо мақсади решакан намудани қолабҳои гендерӣ ва ақидаҳои падаршоҳӣ нисбати занону духтарон; гузарондани таҳлили гендерии ҳамаи китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва маводи таълимӣ, аз ҷумла дар сатҳи донишгоҳҳо, аз нав дида баромадани онҳо бо мақсади истисно намудани қолабҳои табъизкунандаи гендерӣ.

Дар ВАО-и давлатӣ ва ғайридавлатӣ низ ин кор суст ва ғайримунтазам ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон қайд кардан лозим аст, ки ҳалли ин мушкилот маҷмуи тадбирҳои дорои хусусияти қонунгузорӣ, методологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилиро талаб менамояд.

## ТАВСИЯҲО:

1. Аз ҷониби Ҳукумат таҳия ва татбиқ намудани Стратегияи коммуникатсионии давлат оид ба пешбурди баробарии гендерӣ, бартараф намудани қолабҳои гендерӣ дар бораи нақши занону мардон дар ҷомеа ва оила, тағйир додани ақидаи аҳли ҷомеа ва шаклҳои рафторе, ки зӯроварӣ нисбати занону духтарон, никоҳҳои бармаҳал ва хешутабориро ҳақ мебароранд.

2. Бо мақсади баланд бардоштани нақши системаи маориф дар бартараф намудани қолабҳои гендерӣ, ақидаю рафторҳои табъизии иҷтимоию фарҳангӣ дар муносибатҳои байни мардону занон:

- ✓ ворид намудани меъёрҳои гузарондани экспертизаи ҳатмии гендерӣ ба Қонуни ҶТ «Дар бораи адабиёти таълимӣ» «Низомномаи намунавии таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимӣ».
- ✓ барои гурӯҳҳои муаллифон оид ба таҳияи китобҳои дарсии насли нав бо ҷузъи ҳатмии гендерӣ амсилаҳо таҳия намуда, тренингҳо гузаронда шаванд.
- ✓ масъалаҳо оид ба ҷанбаҳои гендерии таҳсилот ва рафъи қолабҳои гендерӣ ба барномаи курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони ҳамаи сатҳҳои системаи маориф ворид карда шаванд.

3. Тақвият додани нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО дар амалигардонии сиёсати гендерӣ, муқовимат ба паҳншавии қолабҳои манфии гендерӣ ва ташаккул додани тоқатнопазирии қатъӣ нисбати табъиз ва зӯроварии гендерӣ.

[21] Ниг.: Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2021–2025. §10. Кам кардани нобаробарии иҷтимоию гендерӣ. Банди 225. 13/

4. Ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияҳои кормандони ВАО таҷрибаи гузарондани маҳфилҳои матбуотӣ ва дарсҳои маҳоратро бо мақсади баланд бардоштани неруи журналистон, омӯзиши малакаҳои инъикоси мавзуъҳои гендерӣ, таъсиррасонӣ ба рафтор нисбати нақшҳои гендерӣ васеътар намоянд.

5. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» бо мақсади ҷойгир намудани рекламаи ройгони иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои решакан намудани амалҳои зарарнок, зӯроварии гендерӣ ва тағйир додани қолабҳои манфии гендерӣ дар каналҳои давлатии телевизион ва радио тағйирот ворид карда шавад. Ҳоло зери мафҳуми рекламаи иҷтимоӣ танҳо ёрии хайриявӣ фаҳмида мешавад. Кори Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ дар ин самт пурзӯр карда шавад.

## МОДДАИ 6. ИСТИМОРИ ЗАНОН

### ДАСТОВАРДҲО

Маърӯзачии махсус оид ба масъалаи харидуфурӯши одамон, хусусан занону духтарон, 7–16 декабри соли 2021 аз Тоҷикистон, чун мамлакати дорои муҳоҷирати зиёди меҳнатии берунӣ, дидан намуд. Маърӯзачии махсус тадбирҳоеро, ки барои пешгирии харидуфурӯши одамон бо мақсади меҳнати маҷбурӣ, инчунин барои ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ андешида шудаанд, омӯхта, ба саъю кӯшиши Тоҷикистон дар таъмини муҳоҷирати бехатар баҳои баланд дод. Тадбирҳое, ки барои пешгирии харидуфурӯши одамон дар шароити муҳоҷирати меҳнатӣ андешида шудаанд, зиёданд ва идома додани таҳкими ҳамкории байналмилалӣ ва васеъ намудани имкониятҳои муҳоҷирати бехатари қонунӣ барои пешгирии харидуфурӯши одамон аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Маърӯзачии махсус аз рӯи натиҷаҳои сафари худ қайд намуд, ки дар масъалаи ба вуҷуд овардани заминаҳои қонунгузорӣ барои мубориза ба муқобили харидуфурӯши одамон ва қабули нақшаҳои миллии амалиёт муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шудаанд.

### МУШКИЛОТ

Вале Маърӯзачии махсус оид ба масъалаи харидуфурӯши одамон, хусусан занону духтарон аз амалисозии нокифояи тадбирҳо ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқҳои қурбониёни харидуфурӯши одамон ва шахсоне, ки ба хатари харидуфурӯши одамон дучор гардидаанд, аз ҷумла пешниҳоди маҳдуди ёрии беғаразона ва ҳимояи дарозмуҳлати қурбониён/ҷабрдидагон изҳори нигаронӣ намуд. Маърӯзачии махсус аҳамияти ҳалли мушкилоти нобаробарии гендерӣ ва қолабҳои табъизии гендериро, ки ба ошкор намудани қурбониёни харидуфурӯши одамон ва кӯмакрасонӣ ба онҳо монеъ мешаванд, қайд намуд. Ба ҳалли мушкилоти харидуфурӯши одамон, аз ҷумла харидуфурӯш бо мақсади истисмори шаҳвонӣ дар дохили Тоҷикистон, диққати ҷиддӣ бояд дод[22].

Соли 2019 дар мамлакат тибқи моддаи 130 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ҶТ ҷазо барои фоҳишагӣ сахттар карда шуд. Мувофиқи қисми якуми ин модда ҷазо дар шакли ҷарима ба андозаи аз 130 то 200 доллар, барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуд**а** ҷазо то 320 доллар карда мешавад ё гунаҳгор 15 шабонарӯз ба ҳабс гирифта мешавад.

Дар асл, чи тавре ки Ҳукумат иброз медорад, ин гуна чораҳои мубориза бо рафтори бадахлоқона мушкилоти мазкурро ҳал намекунанд. Давлат сабабҳои фоҳишагӣ дар

[22] Маърузаи Маърӯзачии махсус оид ба харидуфурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон, Шивон Маллалли, Шӯрои ҳуқуқи инсон. Иҷлосияи панҷоҳум. 13 июн – 8 июли с.2022.

мамлакатро таҳлил наменамояд. Яке аз сабабҳои асосӣ – ин ҷои кор, маълумот ва малакаҳои касбӣ надоштани занҳо мебошад. Онҳоро бармаҳал ба шавҳар медиҳанд, ба онҳо имкон намедиҳанд, ки маълумот гирифта, мустақилона кор кунанд. Вақте шавҳар занро бо кӯдакаш мепартояд, ё шавҳар вафот мекунад, аксарияти занон ин роҳро пеш мегиранд, чунки илоҷи дигар надоранд, коре, ки аз дасташон меояд, фаррошӣ, зарфшӯӣ, пешхизматӣ мебошад. Ин корҳо ба дараҷае даромад намеоранд, ки зан шиками худ ва кӯдакашро сер кунад, илова ба ин хонаеро ба иҷора гирад. Чунин занҳо кӯшиш мекунанд мардеро пайдо кунанд, ки онҳоро бо кӯдаконашон таъмин кунад, аз ин сабаб занҳои дуюм ё сеюм мешаванду аз ҷониби ин мардҳо нисбати худ ва нисбати кӯдаконашон зӯроварӣ мебинанд ва ё бо фоҳишагӣ машғул мешаванд.

Пурзӯр намудани ҷазоҳо истисмори занҳоро дар ин бизнес аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боз ҳам зиёдтар мекунад. Онҳо барои он ки ба ҷазои маъмурӣ кашида нашаванд, тайёранд ба милитсия пора диҳанд, то ба таври расмӣ ба рӯихати Маркази иттилоотии ВКД ҶТ дохил карда нашаванд.

Кормандони милитсия қасдан шабона дар клубҳо рейд мегузаронанд, ҳамаи занҳои дар он ҷо бударо ба шуъбаи милитсия мебаранд ва таҳдид менамоянд, ки аз болои онҳо протокол оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб медиҳанд. Мутобиқи қисми якуми моддаи 130 КҲМ ҶТ, милитсия метавонад парвандаро ба суд нафиристода, мустақилона гунаҳгорро ба ҷазои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ кашад. Ба клуб рафтани зан ҳанӯз далели он нест, ки ӯ бо фоҳишагӣ машғул мешавад, вале на ҳамаи занҳо, аз ҷумла кормандони шаҳвонӣ қонунҳоро медонанд, аз ин рӯ онҳо кӯшиш менамоянд, ки пора дода халос шаванд.

Илова бар ин, солҳои охир озмоиши маҷбурии тестӣ барои ВНМО гузаронда мешавад[23]. Агар ин бемориӣ ошкор карда шавад, он гоҳ занро мутобиқи қисми 1 моддаи 125 КҶ ҶТ барои дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар ба ҷазо мекашанд. Моддаи мазкур дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аллакай эътибори калон пайдо кардааст, дар маҳбасҳо шумораи занҳое, ки аз рӯи ин модда ҷазо гирифтаанд, сол то сол зиёд мешавад. КҶ ҶТ дар ин масъала ҳуқуқи шахсонеро, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд, поймол мекунад, дар амал бошад, занҳо бештаранд, аз ҷумла кормандони секс. Қонун на сарбории пасти вирус, на муолиҷаи мусбат, на истифодаи рифола ва розигии огоҳонаи шарикро ба эътибор намегирад[24].

## ТАВСИЯҲО

1. Иҷрои Тавсияҳои Маърӯзачии махсус оид ба харидуфурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон, Шивон Маллалли аз рӯи ҷамъбасти сафар ба Тоҷикистон таъмин карда шавад.

2. Ҷазо барои машғулшавӣ бо фоҳишагӣ манъ карда шавад.

3. Дар Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷазо барои дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар бекор карда, ҷазо барои сирояти ВНМО ҳамчун қасдан зарар расондан ба саломатӣ пешбинӣ карда шавад ва ҷазои ҷиноятӣ дар мавриди сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак ҳангоми синамаконӣ баррасӣ карда нашавад.

4. Кормандони гунаҳгори милитсия барои суъистифода аз ваколатҳои худ ба ҷазо кашида, дар ин бора иттилооти оммавӣ пешниҳод карда шавад.

---

[23] https://hrc.tj/archives/174

[24] https://hrc.tj/archives/325 Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон». Арзёбии муҳити меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ВНМО/БПНМ дар ҶТ.

## МОДДАИ 7. ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

### ДАСТОВАРДҲО

Аз рӯи натиҷаҳои интихобот ба мақомоти қонунгузори мамлакат дар соли 2020 зиёд гардидани шумораи депутатзанон ба қайд гирифта шуд. Тибқи натиҷаҳои интихоботи соли 2020, ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ 8 нафар ё 25,8% ва ба Маҷлиси намояндагон 15 нафар ё 23,8% занон вакил интихоб карда шуданд. Вазни қиёсии занон дар маҷлисҳои вакилони халқи шаҳри Душанбе 41,5%, вилояти Хатлон – тақрибан 35%, вилояти Суғд – зиёда аз 33%, вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон – зиёда аз 34% ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тақрибан 30%-ро ташкил медиҳад.[25]

Дар нақшаи амалиёт ҷиҳати иҷрои Барномаи миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2021–2025 барои васеъ намудани иштироки занон дар раванди қабули қарорҳо як қатор тадбирҳо пешбинӣ гардидаанд:

- ✓ Гузарондани таҳлили ҷойивазкунии кадрҳо дар вазифаҳои роҳбарӣ.
- ✓ Таҳияи механизмҳои меъёрӣ ва ниҳодии кафолатҳои давлатӣ барои таъмини баробарҳуқуқии занону мардон дар мақомоти давлатии сатҳҳои гуногун.

Бинобар анҷом ёфтани муҳлати иҷрои Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017–2022 Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2023–2030 ва Нақшаи иҷрои он (Барномаи давлатӣ оид ба кадрҳо) қабул карда шуд.[26]

Маблағҳои умумии пулӣ барои иҷрои Барномаи давлатӣ барои солҳои 2017–2022 486 ҳазор сомонӣ (55,000 доллари ИМА)-ро ташкил дод. Талаботи умумӣ ба маблағгузории Барномаи нави давлатӣ 3 230 920 (се миллиона дусаду сӣ ҳазору нуҳсаду бист) сомониро ташкил медиҳад. Аммо маблағи аз буҷети давлатӣ ҷудошуда дар Қарори Ҳукумати ҶТ муайян карда нашудааст.

Мақсади асосии Барномаи давлатӣ фароҳам овардани шароити мусоид ва имкониятҳои ҳамаҷониба барои иштироки фаъолонаи занону духтарон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дар ҳамин асос баланд бардоштани мақом, саводнокӣ ва сатҳи маълумоти ҳуқуқии занон, таъмини дастрасии занону духтарон ба хизмати давлатӣ, баланд бардоштани дараҷаи рақобатнокии онҳо дар хизмати давлатӣ, тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд мебошад.

Дар қатори самтҳои афзалиятнок инҳоро низ номбар кардан мумкин аст:

- ✓ андешидани тадбирҳои зарурӣ барои омодасозии кадрҳои роҳбарикунанда дар сохторҳои алоҳида (сохторҳои қудратӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти бонкӣ, сохтмон ва меъморӣ, нақлиёт, энергетика, саноат ва дипломатия) бо назардошти таҳсилоти асосӣ (таҳсилоти олии касбӣ – дипломи якум) ва баланд бардоштани сатҳи касбияти соҳавии онҳо;
- ✓ дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии занону духтарони боистеъдод ва лаёқатманд, хусусан аз гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (маъюбон, ятимон, аз оилаҳои камбизоат, деҳаҳои дурдаст) ва фароҳам овардани шароит барои таҳсили онҳо дар мактабҳои олии

[25] Стратегияи миллии фаъолгардони нақши занон дар ҶТ дар давраи солҳои 2021–2030 ва Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои он барои солҳои 2021–2025.
[26] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 апрели соли 2022, №204 тасдиқ шудааст.

мамлакат ва хориҷа, ба онҳо омӯзондани ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошанд;
- ✓ васеъ намудани шаклҳои ҳамкории иҷтимоии байни мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа.

## МУШКИЛОТ

Сарфи назар аз саъю кӯшиши Ҳукумати ҶТ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва кафолатҳои давлатии пешниҳоднамудаи қонун дар бораи кафолатҳои давлатӣ, дар соҳаи қабули қарорҳо мардҳо ба маротиб бартарият доранд. Зиёда аз 20 сол аст, ки Ҳукумат барои зиёд намудани теъдоди занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз тадбирҳои гуногун истифода мебарад. Вале намояндагии занҳо дар ягон шохаи ҳокимият ҳатто аз 30% зиёд нест. Тибқи маълумоти Агентии хизмати давлатӣ то 1 январи соли 2022 занҳо дар байни хизматчиёни давлатӣ 24,1%-ро ташкил медоданд. Занҳо ба сифати роҳбарон асосан дар зинаҳои поёнӣ ва миёнаи идоракунӣ фаъолият мекунанд.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки аз рӯи ҷамъбасти иҷрои Барномаи давлатӣ оид ба кадрҳо барои солҳои 2017–2022 яке аз нишондиҳандаҳои асосии мақсаднок иҷро нашудааст. Мувофиқи Барномаи давлатӣ оид ба кадрҳо, то соли 2022 то 40% зиёд намудани ҳиссаи занон дар байни хизматчиёни давлатӣ ва то 30% дар байни роҳбарон пешбинӣ гардида буд. Таассуфовар аст, ки дар Барномаи нави давлатӣ оид ба кадрҳо барои солҳои 2017–2022 сатҳи нишондиҳандаҳои мақсаднок паст шудааст. То соли 2030 дар хизмати давлатӣ то 30% ва дар вазифаҳои роҳбарӣ то 25% зиёд намудани шумораи занон ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин фаъолияти на чандон зиёди депутатзанони палатаи поёнии парламентро дар масъалаи пешбурди ҳуқуқҳои занон ва таҳкими ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятие, ки дар соҳаи таъмини баробарҳуқуқии воқеии занон кор мекунанд, қайд кардан лозим аст. Фаъолияти ҳамагӣ баъзе депутатзанонро мушоҳида кардан мумкин асту бас.

Дар системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои пешбурди занон ба вазифаҳои роҳбарӣ ҳоло ҳам монеаҳои меъёрӣ вуҷуд доранд. Ҷудосозии (сегрегатсияи) то имрӯз вуҷуддошта аз рӯи ихтисосҳое, ки духтарон дар мактабҳои олӣ омӯхтаанд, ба васеъ намудани намояндагии занон дар мақомоти ҳокимият мусоидат намекунад. Аз рӯи ихтисосҳое, ки дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ талабот ба онҳо зиёд аст, бештар мардҳо кор мекунанд. Дар соли таҳсили 2021/22 агар аз рӯи ихтисосҳои педагогӣ бештар духтарон таҳсил кунанд, пас аз рӯи ихтисосҳои «Ҳуқуқ» дар байни донишҷӯён духтарон 33%, «Идоракунӣ» – 25,9%, «Иқтисод ва ташкили истеҳсолот» – 21,4%-ро ташкил медиҳанд. Нишондиҳандаи таълими духтарон аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ аз ҳама паст аст: дар мактабҳои миёнаи махсус тақрибан 3%, дар мактабҳои олӣ каме бештар аз 5%.[27]

Махзани пурраи маълумот оид ба захираи кадрҳо – мутахассисзанон вуҷуд надорад. Ғайр аз ин, аз захираи кадрҳо ҳиссаи на чандон зиёди номзадҳо ба вазифаҳои роҳбарӣ таъйин карда мешаванд. Аксар вақт ба вазифаҳои роҳбарӣ занҳое таъйин карда мешаванд, ки дар он соҳа маълумоти касбии дахлдор ва таҷрибаи корӣ надоранд. Ҳамаи ин ба он бурда мерасонад, ки баъди чанд вақт онҳо аз вазифа озод карда мешаванд. Ин бошад дар навбати худ ба обрӯи роҳбарзанон иснод меоварад.

Дар масъалаи пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарӣ қолабҳои гендерие, ки дар нақши роҳбар танҳо мардҳоро мебинанд, занҳоро бошад дар нақши иҷрокунандагон баррасӣ мекунанд, нақши манфӣ мебозанд. Чораҳои ба нақша гирифташуда оид ба муҳокимаи нақшҳои нави мардону занон дар ҷомеа тавассути ВАО-и давлатӣ суст амалӣ карда мешаванд.

[27] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Таҳсилот дар ҶТ.– Душанбе, 2022. с.79.

Нашриёҳои даврии давлатӣ, телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ оид ба муҳокимаи оммавии мушкилоти нобаробарии гендерӣ, аз ҷумла оид ба рафъи таъсири қолабҳо ба мақом ва нақши занон стратегияи мукаммали коммуникатсионӣ надоранд. Барномаю мақолаҳои гоҳ-гоҳ таҳияшаванда наметавонанд ба афкори умум таъсири ҷиддӣ расонанд.

**ТАВСИЯҲО**

Барои таъмини самаранокии тадбирҳои андешидашаванда оид ба васеъ намудани иштироки занон дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ба раванди қабули қарорҳо ҷалб кардани онҳо аз механизмҳои маҷмуӣ ва байнисоҳавӣ истифода бурдан лозим аст. Иҷрои барномаҳо ва нақшаҳои амалиёт оид ба пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарӣ мунтазам мавриди мониторинг ва арзёбӣ қарор дода шавад. Нишондиҳандаҳо (индикаторҳо)-и натиҷа ва таъсир ба низоми нишондихандаҳои арзёбии дастовардҳо дар ин соҳа ворид карда шаванд.

Дар системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамаи монеаҳои меъёрии пешбарии занон ба вазифаҳои роҳбарӣ аз байн бардошта шаванд. Аз ҳисоби занони салоҳиятнок барои захираи кадрҳои хизмати давлатӣ махзани кадрҳои лоиқ ташкил намуда, ба таъйин намудани онҳо ба вазифаҳои дахлдор мунтазам назорат карда шавад. Ба сифати нишондиҳандаи (индикатори) натиҷаҳои кор оид ба захираи кадрҳо маҳаки зерин муайян карда шавад: фоизи номзадҳои ба вазифаҳои роҳбарӣ таъйиншуда аз шумораи умумии занони дар рӯихати захираи кадрҳо қайдшуда.

Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ дар сомонаи худ саҳифаи «Омор» кушода, маълумотро дар бораи намояндагии занону мардон дар байни хизматчиёни давлатӣ мунтазам нав карда истад.

Бо мақсади таъмини баробарии намояндагии занону мардон дар маъракаҳои интихоботӣ ба қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ва «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» тағйиротҳо ворид карда шаванд. Ба моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ» ва ба моддаи 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ» қисми зерин дар таҳрири зайл илова карда шавад: «Намояндагии баробари мардону занон дар ҳайати комиссияи интихоботӣ таъмин карда шавад».

Бо мақсади ҳавасманд намудани занони рақобатпазир ба иштирок дар интихобот аз ҳавзаҳои якмандатӣ ба палатаи поёнии парламент Маҷлиси намояндагон бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор муҳокимаҳо гузаронда, ба қонунгузорӣ дар бораи озод намудани номзадзанон аз супурдани гарави интихоботӣ тағйирот вори намояд.

Асосҳои қонунгузорӣ ва меъёрии хизмати давлатӣ бо Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» мувофиқ кунонда шаванд. Бо мақсади таъмин намудани кафолатҳои давлатии имкониятҳои баробари мардону занон дар соҳаи хизмати давлатӣ принсипи квотаҷудокунии сабук дар озмунҳо барои ишғоли вазифаҳо истифода бурда шавад (шарти ҳатмии озмун – иштироки намояндагони ҳарду ҷинс, мардон ва занон).

Ба Низомномаи гузарондани озмун барои ишғол намудани вазифаҳои давлатии холии хизмати давлатии маъмурӣ дар таҳрири зайл тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд: «Барои таъмини кафолатҳои давлатӣ дар масъалаи дастрасии баробари мардону занон ба озмунҳо барои ишғол намудани вазифаҳои хизмати давлатӣ ҳангоми гузарондани озмунҳо принсипи квотаҷудокунии сабук истифода бурда шавад. Иштироки намяндагони ҳарду ҷинс – мардон ва занон шарти ҳатмии озмуни баргузоршаванда дониста шавад. Дар мавриди баробарии вазъи номзадҳо аз ҳисоби мардон ва занон барои ишғол намудани вазифаи давлатӣ бартарият ба тарафе дода мешавад, ки намояндагиаш камтар аст». Ба моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи

хизмати давлатӣ» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» оид ба баробарҳуқуқӣ мафҳуми «квотаҷудокунии сабук» илова карда шавад.

Ҳангоми гузарондани арзёбии иҷрои сиёсат оид ба ҷалб намудани занон ба раванди қабули қарорҳо ба чунин самтҳо диққати ҷиддӣ дода шавад:

- ✓ Таҳияи механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ниҳодии кафолатҳои давлатӣ барои таъмини намояндагии баробари занону мардон дар мақомоти хизмати давлатии сатҳҳои гуногун, аз ҷумла дар сатҳи қабули қарорҳо.
- ✓ Баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии занон дар соҳаи хизмати давлатӣ, аз ҷумла васеъ намудани дастрасии занон ба таҳсил дар мактабҳои олӣ аз рӯи ихтисосҳое, ки дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ талабот ба онҳо зиёд аст.
- ✓ Инкишоф додани ҳамкории сохторҳои давлатии соҳавӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масъалаи ташаккул додани захира ва таҳкими нерӯи кадрҳои зан барои хизмати давлатӣ.
- ✓ Баланд бардоштани нақши ВАО дар рафъи таъсири қолабҳои гендерӣ ба тақсими нақшҳои мардону занон дар ҷомеа ва ташаккул додани симои роҳбарзан.

Кумитаи кор бо занон ва оила дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои маҳаллӣ корҳоро дар самти таҳкими нерӯи зан барои иштирок дар интихоботи мақомоти қонунгузор вусъат диҳад.

Таҳия ва якҷоя бо Кумитаи кор бо занон ва оила ва иттифоқи ТҶ гузарондани муҳокимаи ҷамъиятӣ дар мавзуи «Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар пешбарии занон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ». Масъалаи ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ дар қисми ҷорӣ намудани квотаҳо барои намояндагони ҳарду ҷинс ба муҳокимаи ҷамъиятӣ гузошта шаванд. Ба ҷорӣ намудани квотаҳои гендерии дохилиҳизбӣ ва механизмҳои баробари онҳо ҳангоми ташаккул додани мақомоти роҳбарикунандаи ҳизбҳо мусоидат карда шавад.

Таҳкими ҳамкории байни сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар масъалаи гузарондани чорабиниҳои иттилоотӣ оид ба ташаккул додани афкори мусбати ҷамъиятӣ дар бораи пешбурди ғояи демократияи баробар, пешбурди занон дар сиёсат, дастгирии номзадии занон дар интихоботҳоиояндаи парламент.

## МОДДАИ 8. НАМОЯНДАГӢ ВА ИШТИРОК ДАР ЧОРАБИНИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Ҳукумати Тоҷикистон ҳамкории байналмилалиро дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла дар самти ба даст овардани баробарии гендерӣ, фаъолона ривоҷ медиҳад. Озода Раҳмон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон сафири ташкилоти байналмилалии «Занон – сарварони сиёсӣ» дар ҶТ таъйин шудааст[28]. Рухшона Эмомалӣ Сафири мухтори Тоҷикистон дар Британияи Кабир таъйин гардид[29].

Вале, сарфи назар аз дастовардҳои мазкур, намояндагии занон дар вазифаҳои роҳбарӣ дар сатҳи байналмилалӣ ҳанӯз хеле кам аст.

**ТАВСИЯҲО:**

Нақши занон дар сатҳи байналмилалӣ бо роҳҳои зерин баланд бардошта шавад:

[28] https://avesta.tj/2019/08/23/ozoda-rahmon-stala-poslom-organizatsii-zhenshhiny-politicheskie-lidery-v-tadzhikistane/
[29] Avesta.Tj | 16.12.2021. https://avesta.tj/2021/12/16/emomali-rahmon-naznachil-svoyu-doch-poslom-tadzhikistana-v-velikobritanii/

1. Вусъат додани омодасозии кадрҳои занон дар факултети «муносибатҳои байналмилалӣ»- и мактабҳои олии ҷумҳурӣ ва хориҷа бо истифода аз квотаҳои Президентӣ.

2. Васеъ намудани намояндагии занон дар ҳайати вакилон дар сатҳи байналмилалӣ.

## МОДДАИ 9. ШАҲРВАНДӢ

## МУШКИЛОТ

Давлат Тавсияҳои 34 КБТЗ-ро иҷро накард.

**Занон – шахсони бешаҳрванд**

Мушкилоти надоштани ҳуҷҷатҳои ҳақиқӣ бештар дар байни занону кӯдакони деҳот мушоҳида карда мешавад. Аз соли 2015 сар карда, аз шахсони ба қайд гирифташудаи бе шаҳрванд қариб 70%-ро занону духтарон ташкил медиҳанд.[30]

Соли 2019 бо қабул гардидани Қонуни ҶТ «Дар бораи афв вобаста ба қонунигардонии мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки ба таври ғайриқонунӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд» (Қонун дар бораи афв) Тоҷикистон барои амалигардонии муқаррароти Конвенсияи СММ дар бораи мақоми бешаҳрвандон (апатридҳо): қонунигардонии мақоми ҳуқуқии шахсони бешаҳрванд, гувоҳномаи иқомат ва ҳуқуқи ҳуҷҷати сафар гирифтани онҳо тадбирҳо андешид. Аммо муҳлати амали қонуни мазкур бо 3 сол маҳдуд карда шудааст ва он танҳо шахсони бешаҳрванд – шаҳрвандони собиқ СССР-ро баррасӣ менамояд. Қонун дар бораи афв тамдид карда нашуд ва дар мамлакат шахсони бешаҳрванде монданд, ки бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла бо сабаби надонистани мавҷудияти қонун, натавонистанд мақоми худро қонунӣ гардонанд.

Тоҷикистон чун иштирокчии Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, барои бақайдгирии таваллуди ҳар як кӯдак ва ба вай додани ҳуқуқ барои ном ва гирифтани шаҳрвандӣ (моддаи 7) ӯҳдадорӣ ба зимма гирифтааст. Занҳои бешаҳрванде, ки бо ҳуҷҷатҳои беэътибор ё бе ҳуҷҷат зиндагӣ мекунанд, наметавонанд дар бораи таваллуди кӯдакон шаҳодатнома гиранд, зеро Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» маҳакҳои муайян мегузорад, пеш ҳама, бояд ҳуҷҷатҳое пешниҳод карда шаванд, ки шахсияти волидонро (яке аз волидонро) тасдиқ намоянд.

Занҳо дар деҳаҳои дурдаст бо шаҳодатнома дар бораи таваллуд, ки дар собиқ СССР дода шудааст, истиқомат карда, наметавонанд барои гирифтани шиноснома барои тасдиқи шаҳрвандии худ ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро, аз ҷумла шиносномаҳои ҳақиқии волидон, шаҳодатнома дар бораи ақди никоҳи волидон, шаҳодатнома дар бораи фавти волидон ва ғайраро пешниҳод намоянд. Дар баъзе мавридҳо чунин ҳуҷҷатҳо вуҷуд надоранд ва ба занҳо дар масъалаи гирифтани шиносномаи шаҳрванди ҶТ барои муқаррар намудани шахсияти худ ва тасдиқи шаҳрванди ҶТ буданашон ёрии ҳуқуқӣ зарур аст.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» на дар ҳамаи мавридҳо шаҳрвандии кӯдаконро кафолат медиҳад. Кӯдаке, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шуда, падару модари ӯ номаълуманд, шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доро мегардад. Кӯдаке, ки волидонаш шахсони бешаҳрванд мебошанд, агар ҳарду ё яке аз онҳо дар мамлакат доимӣ истиқомат накунад (гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон надошта бошад), шаҳрванди Тоҷикистон эътироф карда намешавад.

---

[30] Маълумоти Намояндагии РКОМ СММ дар ҶТ.

**ТАВСИЯҲО:**

1. Конвенсияҳои СММ дар бораи мақоми шахсони бешаҳрванд аз соли 1954 ва дар бораи кам кардани бешаҳрвандӣ аз соли 1961 ба тасвиб расонда шаванд;
2. Ба қонунгузории миллӣ дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ислоҳҳое ворид карда шаванд, ки бақайдгирии универсалии таваллуди ҳамаи кӯдаконро новобаста аз он ки волидонашон ҳуҷҷатҳои беэътибор доранд ё умуман ҳуҷҷат надоранд, таъмин намоянд;

3. Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ислоҳҳое ворид карда шаванд, ки чун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудани кӯдакро дар ҳамаи ҳолатҳо барои пешгирии бешаҳрвандии ӯ пешбинӣ менамоянд.

## МОДДАИ 10. ТАҲСИЛОТ

## МУШКИЛОТ

Таҳсилот дар рафъи нобаробарии гендерӣ яке аз захираҳои асосии иҷтимоӣ ба шумор меравад. Вале дастрасии маҳдуди занону духтарон ба зинаҳои гуногуни таълим ба онҳо имконият намедиҳад, ки дар бозори меҳнат рақобатпазир гарданд, аз ҷиҳати иқтисодӣ мустақил бошанд, дар равандҳои дигаргунсозии ҷомеа фаъолона иштирок намоянд, кӯдакони солим тарбия кунанд ва бисёр масъалаҳои дигарро ҳал намоянд.

Бо вуҷуди афзоиши шохиси (индекси) баробарии гендерӣ дар зинаи таҳсилоти миёна, ҳангоми гузариш ба зинаи охирини таҳсилоти миёна мушкилоти гендерӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар байни ҷавонони 15–19-сола 22,1% дар ягон ҷо намехонад ва кор намекунад (NEET). Агар дар байни наврасон ин нишондиҳанда 12,3%-ро ташкил диҳад, пас дар байни духтарон 2,6 маротиба зиёдтар – 32,5%-ро ташкил медиҳад. Дар баъзе минтақаҳо ҳиссаи духтарон аз NEET зиёда аз нисфро ташкил менамояд.[31]

Дар системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ низ нобаробарии зиёди гендерӣ вуҷуд дорад. Агар дар соли 2006 дар байни талабагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ духтарон 27%-ро ташкил дода бошанд, пас дар соли 2020 19,3%-ро ташкил доданд. Дар ин давра ҳиссаи духтарон дар байни коргарони касбии тайёркардашуда аз 35,3% то 26% кам шуд.[32]

Дар соҳаи таҳсилоти касбии миёна ва олӣ аз нуқтаи назари ихтисосҳои гирифташаванда нобаробарӣ бештар ҳис карда мешавад. Дар масъалаи дастрасии занҳои маъюб, занҳои бо ВНМО зиндагикунанда, занони деҳот ва занон аз дигар гурӯҳҳои осебпазир ба таҳсилоти миёна ва олӣ мушкилоти зиёд вуҷуд дорад.

Бо мақсади таҳкими раванди омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ, инчунин рушди тафаккури техникии насли наврас ва ҷавонон солҳои 2020–2040 дар Тоҷикистон «Бист соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ дар соҳаи илм ва таҳсилот» эълон карда шуданд». Соли 2020 Нақшаи амалиёт барои солҳои 2020–2025 оид ба иҷрои эълон карда шудани солҳои 2020–2040 «Бист соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва математикӣ дар соҳаи илм ва таҳсилот» тасдиқ карда шуд. Соли 2021 Стратегияи омӯзиш ва рушди илмҳои математикӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ дар соҳаи илм ва таҳсилот дар давраи то соли 2030 тасдиқ карда шуд.[33]

[31] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъи бозори меҳнат дар ҶТ. 2017, с.85.
[32] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ.– Душанбе, 2022.– С.99.
[33] Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2021, №185 тасдиқ шудааст.

Аммо дар шароити нобаробарии зиёди гендерӣ дар соҳаи илм, технологияҳо, муҳандисӣ ва математика (STEM) чи дар Нақшаи чорабиниҳо барои иҷрои Стратегияи миллии таҳсилот то соли 2030 барои солҳои 2020–2025 ва чи дар Стратегияи омӯзиш ва рушди илмҳои математикӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ дар соҳаи илм ва таҳсилот дар давраи то соли 2030 боз муносибати аз ҷиҳати гендерӣ бетараф истифода бурда мешавад. Дар ҳоле ки дар соли таҳсили 2021/2022 дар байни донишҷӯёни ихтисоси «илмҳои табиатшиносӣ» ҳиссаи духтарон 32,1%, техникаи радиоэлектронӣ – 3,3%, техникаи ҳисоббарор – 25,5%, «таҷҳизот» – 5,1%-ро ташкил медиҳад.[34]

## ТАВСИЯҲО

Нақшаҳои амалиётро оид ба иҷрои стратегияю барномаҳои миллии рафъи нобаробарии гендерӣ дар системаи маориф дар тамоми тӯли ҳаёт мавриди тафтиш қарор додан зарур аст.

Ба самаранокии тадбирҳои андешидашаванда оид ба таъмини дастрасии баробари занону духтарон аз деҳот ва шаҳр, занони маъюб, бо ВНМО зиндагикунанда, занҳо аз деҳаҳои дурдаст, занҳои камбизоат ба ҳамаи намудҳои таҳсилот мунтазам назорат карда шавад. Аз рӯи натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ ҳисобот чоп карда шавад.

Ҳатман экспертизаи гендерии барномаҳои нави таълимӣ ва китобҳои нави дарсӣ барои ҳамаи зинаҳои таълим гузаронда шавад.

Бо мақсади бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар масъалаи дастрасӣ ба технологияҳои нав ва ихтисосҳои STEM истифодаи чораҳои махсус, аз ҷумла квотаҳои Президентӣ барои духтарони шаҳрӣ ва деҳотӣ, истифодаи стипендияҳои мақсаднок барои духтароне, ки аз рӯи ихтисосҳои STEM таълим мегиранд, инчунин истифодаи чораҳои дигар вусъат дода шавад.

Доир ба рафъи қолабҳои гендерӣ дар бораи тақсими нақшҳои гендерӣ, дар бораи тамоюли касбии ҷавонон, муҳим будани таҳсилоти ибтидоии касбӣ, тарғиби аҳамияти технологияҳои компютерӣ, ихтисосҳои муҳандисӣ на фақат дар байни духтарон, балки дар байни волидони онҳо низ мунтазам чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронда шаванд.

Беморин ВНМО аз рӯйхати бемориҳое, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ №475 аз 25.09.2018 тасдиқ гардида, ба шахсони ба ин беморӣ гирифторшуда ҳуқуқ намедиҳанд дар муассисаҳои таълимии тиббӣ таҳсил намоянд, хориҷ карда шавад.

## МОДДАИ 11. ШУҒЛ

## ДАСТОВАРДҲО

Тағйиротҳои нав дар Кодекси нави меҳнати ҶТ дар роҳи пешбурди баробарии гендерӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ қадами муҳим гардиданд. Тағйиротҳои мазкур бо меъёрҳои иловагие алоқаманд мебошанд, ки имкониятҳои занонро дар пешрафти мансабӣ васеъ менамоянд. Меъёрҳои наве ворид карда шудаанд, ки хусусиятҳои меҳнати кормандонро дар корҳои фосилавӣ, кормандони хонакор, кормандони хонагӣ ва кормандони дигарро танзим менамоянд.

Ҳукумати ҶТ дар ҳар ду сол барои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ду соли ҷорӣ барномаҳо қабул мекунад, ки дар онҳо ҷиҳати мусоидат ба шуғли занон ва бартараф намудани нобаробарии гендерӣ дар бозори меҳнат тадбирҳо пешбинӣ карда мешаванд.

[34] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Таҳсилот дар ҶТ.– Душанбе, 2022. с.79.

Дастгирии соҳибкорзанон тавассути грантҳои Президентӣ ба баланд бардоштани сатҳи шуғли занон мусоидат мекунад. Дар Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28 январи соли 2021, №5 «Дар бораи грантҳои Президенти ҶТ барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021–2025» гуфта шудааст:

Аз соли 2021 то соли 2025 80 гранти Президенти ҶТ ҳар сол ба андозаи 2 000 000 (ду миллион) сомонӣ барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон таъсис дода шавад, аз ҷумла:

– 20 грант ба андозаи 40 000 (чил ҳазор) сомонӣ;
– 20 грант ба андозаи 30 000 (сӣ ҳазор) сомонӣ;
– 20 грант ба андозаи 20 000 (бист ҳазор) сомонӣ;
– 20 грант ба андозаи 10 000 (даҳ ҳазор) сомонӣ.

Дар сатҳи маҳалҳо низ ба соҳибкорзанон грантҳо ҷудо карда мешаванд. Масалан, 21 нафар соҳибкорзан аз роҳбари вилояти Хатлон ба андозаи аз 8 то 20 ҳазор сомонӣ грант гирифт. Умуман, дар давоми панҷ сол ба маблағи умумии 1 миллиону 250 ҳазор сомонӣ лоиҳаҳои занон маблағгузорӣ карда шуданд. Лоиҳаҳо асосан ба ташкили сехҳои дӯзандагӣ, курсҳои омӯзишӣ, сохтани гармхонаҳо, рушди сорводорӣ, моҳипарварӣ, парандапарварӣ ва ғ. равона гардидаанд. Дар панҷ соли охир 151 нафар зан барои иҷрои лоиҳаҳои худ грантҳои Президентӣ гирифтанд. Дар чаҳорчӯбаи иҷрои ин лоиҳаҳо дар вилоят 1,9 ҳазор зан бо кори доимӣ таъмин карда шуданд, зиёда аз 2,5 ҳазор зан дар курсҳо таълим гирифта, соҳиби ихтисоси нав гардиданд.[35]

Барои ҳунармандон ва чеварони чирадаст ва эҷодкори Суғд ба маблағи умумии зиёда аз 165 ҳазор сомонӣ 40 грант ҷудо карда шуд. Раиси шаҳри Хуҷанд қарорро «Дар бораи таъсис ва ҷудо кардани грантҳои Раиси шаҳр барои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории ҳунармандон ва чеварон дар солҳои 2021–2025» ба имзо расонд. Тибқи қарори мазкур ба маблағи 8 000 сомонӣ 5 грант; ба маблағи 5 000 сомонӣ 10 грант ва ба маблағи 3 000 сомонӣ 25 грант ҷудо карда мешавад[36].

Моҳи марти соли 2021 Президенти мамлакат супориш дод, ки Барномаи давлатии дастгирии соҳибкории занон таҳия карда шавад.

Гурӯҳи корӣ оид ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии назди Ҳукумати ҶТ ташкил карда шудааст, дар ҳамкории зич бо шарикон: сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва микромолиявӣ пурмаҳсул фаъолият мекунад. Фаъолияти гурӯҳ ба мунтазам такмил додани самтҳои гуногун (қонунгузорӣ, ниҳодӣ, молиявӣ ва механизмҳои дигар) равона гардидааст.

## МУШКИЛОТ

Аксарияти мулоҳизаҳои хотимавӣ аз рӯи банди 38 Кумита оид ба маърузаи шашуми даврии Тоҷикистон иҷро карда нашуданд.

Дар масъалаи васеъ намудани шуғли пурмаҳсул дар ҷумҳурӣ дар давоми 2 соли охир натиҷаҳои назаррас мушоҳида карда намешаванд. Аз як тараф, қисми зиёди тадбирҳои ба нақша гирифташуда оид ба таҳкими нерӯи ниҳодии таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнат, амалисозии сиёсати фаъолонаи шуғл ва танзими бозори меҳнат, инчунин рушди низоми

[35] https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20210125/zhentshini-hatlona-poluchili-granti-glavi-oblasti
[36] www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20210503/v-hudzhande-obyavlen-konkurs-grantov-predsedatelya-goroda-zhentshinam-remeslennitsam

идоракунии муҳоҷирати меҳнатии берунӣ иҷро карда нашуданд, аз тарафи дигар, ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда танҳо тавассути ҷорӣ намудани муносибати байнисоҳавӣ дар асоси амалисозии ҲРУ 4, ҲРУ 5 ва ҲРУ 8 имконпазир мебошад.

Натиҷаҳои Муоинаи қувваи корӣ (МҚК-2016) ба таври аёнӣ нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон дараҷаи иштироки занони синни қобили меҳнат чи дар қувваи корӣ ва чи дар шуғл назар ба иштироки мардон хеле пасттар мебошад ва хусусиятҳои рафтори онҳо дар бозори меҳнат як қатор фарқиятҳо дорад. Дар ҳоле ки ҳиссаи мардон дар байни аҳолии шуғлнок аз 53,4% соли 2004 дар соли 2016 то 59, 5% зиёд шуд, ҳиссаи занон аз 46,6% соли 2004 дар соли 2016 то 40,5% кам гардид.[37]

Ба шуғли занон ва мардон умуман тақсимоти нақшҳои гендерӣ, инчунин ҷудокунии (сегрегатсияи) гендерии васеъ паҳншудаи касбӣ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Қисми зиёди занон дар соҳаҳои каммузд (кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ ва ғ.) кор мекунанд. Тибқи маълумоти МҚК-2016, дар соҳаи кишоварзӣ дар байни шахсони шуғлдошта занон 53,9%, дар соҳаи маориф – 53,7%, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 70,1%-ро ташкил медиҳанд.

То охири соли 2020 таносуби музди меҳнати номиналии ҳисобкардашудаи занон назар ба мардон 66,7%-ро ташкил дод.[38]

Бо назардошти бештар будани ҷавонон дар байни аҳолии умумӣ, оид ба шуғли занону мардони ҷавон иттилоот зарур аст. Тибқи маълумоти МҚК-2016, ҳиссаи ҷавононе, ки бо фаъолияти меҳнатӣ машғул набуданд ва аз таълим ё тайёркунии касбию техникӣ нагузаштаанд, 30% шумораи умумии ҷавононро ташкил медиҳад. Дар байни мардони гурӯҳи синнусолии 15–29-сола вазни қиёсии онҳое, ки кор ва таҳсил намекунанд, ҳамагӣ 5,8%, дар байни занони ин гурӯҳи синнусолӣ бошад, 53,1%-ро ташкил дод. Ҳамин тариқ хулоса баровардан мумкин аст, ки нерӯи ҷавонмардони Тоҷикистон 94,2%, нерӯи ҷавонзанон бошад, ҳамагӣ 46,9% истифода бурда мешавад.[39]

Таълими ихтисосҳои серталабот яке аз самтҳои асосии таъмини шуғли пурмаҳсул ба шумор меравад, вале он барои амалисозии таъйиноти худ нерӯи кофӣ надорад. Имкониятҳои маҳдуди гурӯҳҳои осебпазири занон дар масъалаи гирифтани ихтисосҳои серталабот махсусан ташвишовар мебошад. Тибқи маълумоти Муассисаи давлатии «Маркази омӯзиши калонсолони Тоҷикистон», умуман ҳиссаи занон дар байни таълимгирандагон зиёда аз нисфро ташкил медиҳад. Аммо таҳлили ихтисосҳои гирифташуда нишон медиҳад, ки ҳар як зани дуюм ихтисосҳои «дӯзанда-кашидадӯз», «тайёркунандаи маснуоти дӯзандагӣ», «бофанда-порагар»-ро омӯхтааст.

Мушкилоти асосие, ки ба рушди соҳибкории занон монеъ мешаванд, инҳо мебошанд:

- ✓ маҳдудияти механизмҳои самараноки рушди соҳибкории занон, аз ҷумла дастрасии маҳдуд ба қарзҳо, мавҷуд набудани сармояи ибтидоӣ ва дигар захираҳои молиявӣ;
- ✓ дараҷаи нокифояи донишу малакаҳои соҳибкорзанон дар соҳаҳои банақшагирии соҳибкорӣ, менеҷмент ва маркетинг, пешбурди муваффақонаи бизнес;
- ✓ ақиб мондани низоми миллии омӯзиши бизнес аз талаботи иқтисоди бозорӣ, стандартҳои байналмилалӣ, сатҳи пасти донишҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳибкорон ва ғ.;

[37] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Вазъият дар бозори меҳнати ҶТ. (Ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои МҚК, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронда шудааст). 2017, с.17.
[38] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ.– Душанбе, 2022, с.213.
[39] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Бозори меҳнат дар ҶТ.2017, с.78–79.

- ✓ таъсири қолабҳои гендерӣ, нобоварӣ ва мавҷуд набудани дастгирӣ аз ҷониби аъзоёни хонавода;
- ✓ бо корҳои бемузди хона ва парастории кӯдакону пиронсолон машғул будани занон.

Чораҳои дастгирии муҳоҷирзанони меҳнатӣ бо назардошти имконияту талаботи онҳо, аз ҷумла чораҳои аз ҷиҳати гендерӣ ҳассос оид ба тайёркунии пешазсафарии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо суст амалӣ карда мешаванд.

Яке аз монеаҳои шуғли занон рушди нокифояи муассисаҳои томактабӣ, хусусан дар деҳот мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ, дар соли 2021 фарогирии кӯдакони 1–6-сола бо муассисаҳои томактабӣ умуман 7,4%, фарогирии духтарчаҳо – 7,1%, писарбачаҳо 7,7%-ро ташкил дод. Фарогирии кӯдакони 3–6-сола зиёдтар аст, вале ҳамагӣ 9,9%, духтарчаҳо 9,4%, писарбачаҳо бошанд, 10,3%.[40]

Меҳнати бемузди занон барои парастории аъзоёни оила якҷоя бо кор ва иҷрои уҳдадориҳои оилавӣ барои таъмини баробарии гендерӣ монеаи ҷиддӣ эҷод менамоянд. Занон дар Тоҷикистон барои иҷрои корҳои бемузд дар муқоиса бо мардон қариб се маротиба зиёдтар вақт сарф мекунанд.[41]

Таъмин набудани хонаводаҳо бо ашёи истифодаашон дарозмуҳлати таъйиноти хоҷагӣ вазъияти меҳнати бемуздро боз ҳам душвортар мегардонад. Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвал бармеояд, аз 100 оила таҳо 13 оила мошини ҷомашӯӣ, 20 оила – чангкашаки барқӣ ва ғ. доранд.

**Ҷадвали 2. Таъминоти аҳоли ҶТ бо ашёи таъйиноти хоҷагии истифодаашон дарозмуҳлат (барои 100 оила, адад)**[42]

| | 1991 | 2005 | 2015 | 2020 |
|---|---|---|---|---|
| Телевизор | 86 | 24 | 186 | 218 |
| Яхдон ва сармодон | 69 | 23 | 42 | 36 |
| Мошини ҷомашӯӣ | 61 | 8 | 9 | 13 |
| Чангкашаки барқӣ | 24 | 5 | 14 | 20 |
| Мошини дардӯзӣ | 78 | 46 | 42 | 48 |

Баъди соли 2018 хароҷоти хонаводаҳо барои пардохти хизматрасониҳои маишӣ зиёда аз 2 маротиба кам шуд: аз 7,8% дар соли 2018 то 3,2% дар соли 2021.[43]

Тавсияи Кумитаи КБТЗ №38 «с» оид ба «бекор кардани моддаҳои 160, 161 ва 216 Кодекси меҳнат ва рӯихати касбҳое, ки нисбати онҳо шуғли занон маҳдуд ё манъ карда шудааст, барои таъмини он ки ҳама гуна маҳдудиятҳо на нисбати умуман занон, балки дар асоси қобилиятҳои инфиродии онҳо татбиқ карда шаванд» иҷро карда нашуд. Сабаби асосии ибраздоштаи Ҳукумати Тоҷикистон барои иҷро накардани тавсияи мазкур аз он иборат аст, ки муқаррар намудани маҳдудиятҳои муайян барои шуғли занон ба ҳифзи саломатии онҳо аз хатарҳои касбӣ равона гардидааст, инчунин аз он иборат аст, ки занҳо ба ҳимояи ҷиддии иҷтимоӣ ниёз доранд.

[40] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Таҳсилот ҶТ. Душанбе, 2022, с.64.
[41] ТҶ «Гендер ва тараққиёт». Ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии занони Тоҷикистон: монеаҳо ва пешомадҳо.– Душанбе, 2023, с.98.
[42] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ.– Душанбе, 2022, с.633.
[43]Агентии омори назди Президенти ҶТ. Нишондиҳандаҳои асосии муоинаи буҷетҳои хонаводаҳо дар ҶТ.– Душанбе, 2022, с.64.

Тибқи Хулосаи коршиносони Ташкилоти байналмилалии меҳнат, Ҳукумати Тоҷикистон бояд ин рӯйхатро бекор кунад ё дағйир диҳад, ба он танҳо маҳдудиятҳоеро дохил намояд, ки барои муҳофизати модарон зарур мебошанд ё ба арзёбии хатар барои амнияти меҳнат ва саломатӣ равона гардида, дар масъалаи ба кор даромадани занон монеъ нашаванд.[44] Илова бар ин, ба он диққат додан зарур аст, ки бояд ҳама гуна маҳдудиятҳо на нисбати умуман занон, балки дар асоси қобилиятҳои инфиродии онҳо татбиқ карда шаванд.

## ТАВСИЯҲО

Самаранокии таъсири тадбирҳои андешидашаванда ва барномаҳои гуногун ба бартарафсозии нобаробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл ва васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон бо роҳи мунтазам гузарондани мониторинг ва арзёбӣ таҳти назорат қарор дода шавад.

Бо мақсади пешгирии монеаҳои нав дар соҳаи шуғл дар шароити гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди «рақамӣ» ва «сабз» аз сабаби дастрасии нобаробари занон ба технологияҳои иттилоотӣ ва ихтисосҳои серталабот барои таълими духтарон дар мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ дар ин самтҳо аз грантҳои Президентӣ истифода бурда, ба зиёд гардидани ҳиссаи занон дар ин соҳаҳо мусоидат карда шавад.

Кодекси меҳнат ва Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад, ва ин Рӯйхат бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 тасдиқ шудааст, аз нав дида баромада, ба онҳо тағйирот ворид карда шавад.

Тоҷикистон Конвенсияи ТБМ-ро дар бораи муҳофизати модар, соли 2000, (№183) ва Конвенсияи ТБМ-ро дар бораи меҳнаткашони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, соли 1981, (№156) ба тасвиб расонад.

Барои ташкили низоми ҳамкории устувор дар байни низоми таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнат диверсификатсияи барномаҳои таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва миёнаи соҳаи технологӣ, рушди механизмҳои низоми тамоюли касбӣ, таҳия ва иҷрои барномаҳои суроғаноки марказҳои шуғл барои гурӯҳҳои зерҳадаф (занони бемаълумот, занони маъюб, занони бо ВНМО зиндагикунанда ва дигарон) таъмин карда шавад.

Қабули Барномаи давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон тезонда, дар доираи он амалӣ намудани маҷмуи чораҳои муваққатии махсус барои дастгирии соҳибкорони дорои мақоми расмӣ, ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб намудани занон ва ҳавасмандгардонии гузариши соҳибкорзанон аз бахши ғайрирасмӣ ба бахши расмӣ тезонда шавад.

Барои васеъ намудани дастрасии занон ба захираҳои молиявӣ:

- Васеъ намудани амалияи пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд барои соҳибкорзанон.
- Ба дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон №186 «Дар бораи тартиби пешниҳоди қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарздиҳӣ» дар қисми ҳатман таҳия ва пешниҳод кардани қарзҳои аз лиҳози гендерӣ ҳассос барои соҳибкорзанон илова ворид карда шавад.
- Ба дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон №199 «Дар бораи тартиби пешниҳоди қарзҳои хурд дар ташкилотҳои микромолиявӣ» дар қисми ҳатман таҳия ва пешниҳод кардани қарзҳои аз лиҳози гендерӣ ҳассос барои соҳибкорзанон илова ворид карда шавад.

[44] ТБМ. Кумитаи коршиносон. Дархости мустақим аз рӯи моддаҳои 1 ва 5 Конвенсия дар бораи барҳам додани табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл, соли 1958 (№111) – Тоҷикистон, ки моҳи июни соли 2022 қабул гардида, онро иҷлосияи 111 Конференсияи байналмилалии меҳнат соли 2023 нашр кардааст.

- Фаъолона татбиқ намудани қарзҳои дорои самти иҷтимоӣ барои соҳибкорзанон ва гурӯҳҳои дигар, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазири занон, бо фоизи солонаи имтиёзнок, истифодаи нақшаҳои бегарави қарзгирӣ, зиёд намудани муҳлати қарз ва ғ. таъмин карда шавад.
- Баланд бардоштани нерӯи бозигарони асосии бозори молиявию кредитии Тоҷикистон тавассути омӯзиш ва мутобиқгардонии таҷрибаҳои беҳтарин дар соҳаи қарздиҳӣ ба занон.

Таҳияи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатӣ барои ташкилотҳои микромолиявие, ки барномаҳои иҷтимоӣ ва аз лиҳози гендерӣ ҳассосро амалӣ менамоянд. Таъмини иштироки саҳмии ташкилотҳои микромолиявӣ дар лоиҳаҳои соҳибкории занон барои баланд бардоштани масъулият ва таъмини иҷрои муваффақонаи онҳо.

Мақомоти иҷроияи ҳокимият барои таъмини намояндагии баробари занону мардон дар вазифаҳои нозирони андоз тадбирҳо андешанд.

Бо мақсади эътироф, кам ва аз нав тақсим кардани меҳнати бемузди занон дар иҷрои корҳои парасторӣ ва корҳои хона дар се самти асосӣ тадбирҳо андешидан зарур аст: фароҳам овардани шароитҳои мусоид дар бозори меҳнат, беҳтар намудани инфрасохторҳои таъминоти иҷтимоӣ ва тағйир додани меъёрҳои манфии гендерии иҷтимоӣ.

Фаъол намудани раванди амалисозии тадбирҳои Ҳукумат оид ба ташаккул додани системаи ниҳодии дастгирии соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории занон, аз ҷумла тақвият додани нерӯи Гурӯҳи кории назди Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ оид ба дастгирии соҳибкории занон, инкишоф додани ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, шабакаи марказҳои иҷтимоию тиҷоратӣ барои занон ва сохторҳои дигар.

Тадқиқоти муфассал гузаронда, симои комили соҳибкор, чи мард ва чи зан, офарида шавад. Барои андешидани тадбирҳо оид ба дастгирии соҳибкорӣ дар бораи ҳамаи намудҳо ва соҳаҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла хусусиятҳо, намудҳои фаъолият, шароитҳои кор ва ғ. маълумот зарур аст. «Тафтиш»-и шумора, ҳайат, андозаи миёнаи қитъаи замин ва ғайра аз лиҳози сардори хоҷагӣ аз рӯи аломати ҷинс масъалаи муҳим ба шумор меравад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ ва ташкили низоми ҳамкории устувори байни системаи таҳсилоти касбӣ ва бозори меҳнат иҷрои тадбирҳои ба нақша гирифташудаи барномаи рушди миёнамуҳлат оид ба васеъ ва диверсификатсия кардани барномаҳои таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва миёнаи соҳаи технологӣ, рушди механизмҳои низоми интихоби касб, таҳия ва мониторинги барномаҳои ҳадафноки марказҳои шуғл барои гурӯҳҳои зерҳадаф (занон, шахсони маъюб, муҳоҷирони бозгаштаи пастихтисос) ва тадбирҳои дигар амалӣ карда шаванд.

Барои васеъ намудани имкониятҳои занон заруранд:

- ✓ Баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии занон дар асоси истифодаи барномаҳои таълимӣ оид ба технологияҳои нав, аз ҷумла технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, пешниҳоди хизатрасониҳои маҷмуӣ, аз ташкили бизнес сар карда, то пешбурди фаъолонаи он.
- ✓ Пурзӯр намудани фаъолияти иттилоотии Ҳукумат, ТҒҲ, ВАО дар масъалаи бартарафсозии қолабҳои гендерӣ дар ҷомеа ва баланд бардоштани мақоми зан
- ✓ Амалисозии чораҳои махсус барои ҷалб намудани занон ба раванди қабули қарорҳо оид ба рушди иқтисод.
- ✓ Андешидани тадбирҳо барои мусоидат намудан ба рушди соҳибкории оилавӣ ва баланд бардоштани нақши занон дар ташкили субъектҳои бизнеси оилавӣ.
- ✓ Тайёр ва аз нав тайёр кардани аҳолии бешуғл аз рӯи ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнат талабот ба онҳо зиёд аст, бо назардошти майлу ҳавас ва имкониятҳои молиявии занон.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти байни ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ дар самти муттаҳид намудани шаклҳои пешниҳодшавандаи дастгирӣ ва идомат дар лоиҳаҳо, истифодаи таҷрибаи мусбати аллакай дар ҷумҳурӣ вуҷуддошта оид ба васеъ намудани имкониятҳои иқтисоди занон тақвият дода шавад.

## МОДДАИ 12. ДАСТРАСИИ БАРОБАР БА ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББӢ

### ДАСТОВАРДҲО

Дар БРМ-2021–2025 қайд карда мешавад, ки сиёсати мустаҳкам намудани саломатии шаҳрвандон, беҳтаргардонии хизматрасониҳои тиббӣ ва фароҳам овардани шароит барои тарзи ҳаёти солим ба баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ нигаронида шудааст. Натиҷаҳои арзёбии гузаронидашудаи иҷрои БРМ-2021–2025 беҳтар гардидани як қатор нишондиҳандаҳои рушди бахши тандурустиро нишон медиҳанд:

- ✓ миқдори умумии фавтидагон дар мамлакат дар муқоиса бо соли 2015 10% кам шуд;
- ✓ фавти кӯдакони то панҷсола ба 1 000 таваллуди кӯдаки зинда аз 20,6 то 17,7 кам шуд, ки ин асосан бо камшавии фавти кӯдакони хурдсол ба 1 000 таваллуди кӯдаки зинда аз 16,5 то 14,3 алоқаманд мебошад;
- ✓ фавти модарон дар солҳои 2015–2019 ба 100 ҳазор нафар таваллуди кӯдаки зинда аз 33,0 то 24,1 кам гардид;
- ✓ дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил ба 100 ҳазор аҳолӣ аз 60,4 ҳодиса дар соли 2015 дар соли 2019 то 56,0 ҳодиса ва дар 9 моҳи соли 2020 то 32,8 ҳодиса коҳиш ёфт;
- ✓ диабети қанд 2,5 маротиба кам шуд (ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ аз 118,2 ҳодиса дар соли 2015 то 64,4 ҳодиса дар соли 2018, 50,8 ҳодиса дар соли 2019 ва 47,9 ҳодиса дар 9 моҳи соли 2020));
- ✓ сирояткунонии аввалияи аҳолӣ бо гепатити вирусӣ дар соли 2015 ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ 6 870 нафар ё 81,3 ҳодиса, дар соли 2019 8 113 нафарро ташкил дод.

Дар чаҳорчӯбаи иҷрои вазифаҳо оид ба беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои тиббӣ бо мақсади такмил додани Барномаи кафолатҳои давлатӣ барои таъмини аҳолӣ бо кӯмакҳои тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои пилотӣ барои солҳои 2017–2019 (БКД) тадбирҳо амалӣ карда шуданд. Ҳоло БКД дар 19 шаҳру ноҳияи мамлакат татбиқ карда мешавад. Мақсади асосӣ аз татбиқи БКД: таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС, хусусан дастрасии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, кам кардани талабот ба хизматрасониҳои серхароҷоти беморхонавӣ, кам кардани пардохтҳои ғайрирасмии аҳолӣ.

Дар давраи иҷрои БРМ 2016–2020 дар ноҳияҳои пилотӣ шумораи муроҷиатҳо ба амбулаторияю дармонгоҳҳо аз 4,0 то 4,4 муроҷиат ба 1 нафар сокин дар сол, шумораи ҳодисаҳои хобондан дар беморхона ба 100 нафар аҳолӣ аз 10,0 то 9,2, будубоши миёнаи беморон дар беморхона 10,0 то 9 рӯз зиёд шуд. Қайд кардан зарур аст, ки дар сатҳи беморхонаҳо 51,5% беморон ва дар сатҳи КАТС зиёда аз 41,1% беморон хизматҳои зарурии ройгони тиббӣ гирифтанд.

Дар Барномаи нави миллии ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ барои солҳои 2021–2025 таъкид карда мешавад, ки Барнома барои ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда ба чунин принсипҳо, ба монанди ҳимоя ва пешбурди ҳуқуқҳои инсон, баробарии гендерӣ, масъалаҳои ахлоқӣ, инчунин пешгирии тамғачаспонӣ ва табъиз нисбати бемориони сил такя мекунад. Дар сатҳи ҷамъиятҳо бо мақсади пешгирии табъиз ва тамғачаспонӣ ба назар гирифтани монеаҳои гендерӣ ва ҳуқуқӣ барои гирифтани хизматҳои вобаста ба сил, хусусан дар байни кӯдакон ва гурӯҳҳои дар канормондаи ҷомеа, пешбинӣ карда мешавад. Ба ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ диққати хоса дода мешавад.

## МУШКИЛОТ

Таҳлили сиёсат дар соҳаи тандурустӣ нишон медиҳад, ки хусусиятҳои вазифаҳои гендерӣ дар сиёсат ба қадри кофӣ ба назар гирифта намешаванд. Яке аз мушкилотҳо дастрасии маҳдуд ба омори расмӣ ва нарасидани маълумоти оморӣ мебошад. Ин маълумотҳо чи дар сомонаи Вазорати тандурустӣ ва чи дар сомонаи Агентии омор вуҷуд надоранд. Сомонаи Маркази ҷумҳуриявии омори тиббӣ бошад, кайҳо боз фаъолият намекунад.

Илова бар ин, таҳлили сиёсат дар соҳаи тандурустӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми муайян кардани самтҳои афзалиятнок, гузоштани вазифаҳо ва муайян кардани талаботи занону мардон ба хизматрасониҳои тиббӣ муносибате бештар истифода бурда мешавад, ки ба ҷанбаи эпидемиологӣ аз рӯи аломати ҷинс асос ёфтааст. Яъне нисбати занону духтарон ин талаботҳо бештар бо ёрӣ ҳангоми таваллуд ва муолиҷаи бемориҳои системаи репродуктивӣ алоқаманд карда мешаванд.

Дар баробари ин фарқиятҳо ва мушкилоти махсуси мардону занон дар масъалаи тандурустӣ на танҳо бо системаи репродуктивӣ алоқамананд, балки онҳо дар ҳамаи самтҳои дигар низ зоҳир мегарданд. Вале мушкилоти асосии тандурустӣ дар самтҳои дигар бештар чун мушкилоти аз ҷиҳати гендерӣ бетараф баррасӣ карда мешаванд, самтҳои ислоҳоти ниҳодию маъмурии системаи тандурустӣ бошад, бо таҳия ва ташаккул додани механизмҳо оид ба мушкилоти баробарии гендерӣ суст алоқаманд карда мешаванд.

Махсусан мехостем диққатро ба иҷрои принсипи асосии ҲРУ «Ягон кас ба ақиб гузошта нашавад» ҷалб намоем. Одатан, маълумотҳои оморӣ дар соҳаи тандурустӣ агар пешниҳод карда шаванд ҳам, онҳо умуман бо тақсим кардан ба мардон ва занон пешниҳод карда мешаванд. Илова бар ин, на танҳо дар байни мардону занон, балки дар байни занон ва дар байни мардон ҳам фаркиятҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд. Ҳолатҳои басо гуногун ба қайд гирифта мешаванд, масалан, дар масъалаи дастрасии занони деҳот ва шаҳр, занони ҷавон ва куҳансол, занони маъюб, бо ВНМО зиндагикунанда ва дигарон ба хизматрасониҳои тиббӣ. Инчунин дар байни мардон низ. Агар аз лиҳози ин ё он намуди беморӣ умуман ҳиссаи мардҳо зиёдтар бошад, пас дар байни гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ ё минтақаҳои гуногун манзараи баракс мушоҳида карда мешавад, аллакай ҳиссаи зиёди беморшавӣ дар байни занон ба назар мерасад. Аммо маълумот пайдо кардан оид ба гурӯҳҳои гуногуни занону мардон амалан имконнопазир аст.

### Осебпазирии гендерӣ ба сил ва монеаҳо барои занон[45]

Тадқиқоти «Арзёбӣ ва чораҳоии пешгирии тамғачаспонӣ, монеаҳои гендерӣ ва ҳуқуқии дастрасӣ ба хизматрасониҳои зидди сил дар ҶТ», ки соли 2020 ТҶ «Гендер ва тараққиёт» бо дастгирии Фонди Ҷаҳонӣ, Шабакаи ҳуқуқии Канада оид ба ВНМО гузарондааст, дар масъалаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои пешгирикунанда, муолиҷа ва парасторӣ ҳангоми сил барои гурӯҳҳои асосии аҳолӣ як қатор монеаҳоро ошкор намуд. Монеаҳои ошкоршуда ба муҳити ҳуқуқӣ, гендер, тамғачаспонӣ ва ҳуқуқи инсон дахл доранд. Таъсири монеаҳои ошкоршуда ба дастрасӣ ба хизматрасониҳо ҳангоми бемории сил одатан дар тамоми роҳе, ки бемори сил аз лаҳзаи зоҳиршавии аломатҳои беморӣ ва гузоштани ташхис то анҷом ёфтани муолиҷа ва парастории минбаъда тай мекунад, давом меёбад.

Тадқиқот нишон дод, ки амали қонунгузории бағоят пешқадамро оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати гурӯҳҳои асосӣ ва ба ба сил осебпазири аҳолӣ, аз сабаби

---

[45] Зерфасл дар асоси маводи њисоботи ТҶ «Гендер ва таараққиёт» «Арзёбӣ ва тадбирҳои бартараф намудани тамғачаспонӣ, монеаҳои гендерӣ ва ҳуқуқии дастрасӣ ба хизматрасониҳои зидди сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2020» таҳия карда шудааст.

нокифоя будани донишҳо дар бораи сил, паҳншавии тамғачаспонӣ, вуҷуд надоштани муносибатҳои аз ҷиҳати гендерӣ ҳассос нисбати муқовимат ба бемории сил, криминализатсияи амалкунанда нисбати гурӯҳҳои асосӣ, инчунин аз сабаби таъмини нокифояи молиявию ташкилии чораҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва иттилоотии дастгирии гурӯҳҳои асосӣ ва ба сил осебпазир, инчунин кормандони тиб чи тавр маҳдуд кардан мумкин аст.

Масалан, занҳо бо тафовутҳои ноодилонаи гендерӣ дучор мешаванд, ки илова ба омилҳои биологӣ дастрасии онҳоро ба кӯмакҳои тиббӣ душвортар ва осебпазирии онҳоро бештар мегардонанд. Сили занҳоро ташхис кардан душвортар аст, зеро занҳои гирифтори сили шуш таҳлили мусбати балғамро кам мегиранд, иллати шуш бошад, мумкин аст чандон зоҳир нашавад, ки ин низ ташхиси дурусти силро душвор менамояд; дар занҳо назар ба мардҳо чунин симптом, ба монанди сулфаи балғамнок камтар зоҳир мегардад, ки ин ҳам ташхисро мураккаб мегардонад; сили занҳо босуръаттар авҷ мегирад; ташхиси дери сили шуши занони ҳомила нишондиҳандаҳои беморшавии перинаталиро чор маротиба зиёдтар менамояд, инчунин ба бачапартоӣ ва оризаҳои эклампӣ ва интранаталӣ бурда мерасонад. Занон аксари вақтҳо инчунин ба сили беруназшушӣ гирифтор мешаванд, ки онро ташхис кардан душвортар аст. Аз ҷумла сили маҳбалӣ, ки дар ҷаҳон бештар занон ба он дучор мешаванд, яке аз сабабҳои безурётии занон ба шумор меравад. Мутаассифона, дар ҷумҳурӣ маълумот оид ба ин масъалаи муҳим дастрас нест.

Дар байни шахсоне, ки дар соли 2018 ба онҳо аввалин маротиба ташхиси сил гузошта, ба қайд гирифта шудаанд, ҳиссаи занон дар гурӯҳи 45-сола ва аз ин боло назар ба мардон (47,0%) зиёдтар аст (53,0%). Дар баробари ин, соли 2018 дар муқоиса бо соли 2012 ҳиссаи занон дар гурӯҳҳои синнусолии 0–14-сола, 18–24-сола, 45-сола ва аз ин боло зиёдтар гардид. Тибқи маълумоти соли 2018, дар гурӯҳи синнусолии 15–17-сола ҳиссаи занон чун пештара зиёд аст.

**Ҷадвали 3. Дараҷаи гирифторшавии аҳолӣ ба бемории сил аз рӯи гурӯҳҳои синнусолӣ дар солҳои 2012 ва 2017–2018. Бо ташхиси аввалин маротиба муқарраршуда ба қайд гирифта шудааст**

| | 2018[46] | | 2017[47] | | 2012[48] | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мардон | занон | мардон | занон | мардон | занон |
| **Ҳамагӣ** | 54,1 | 45,9 | 54,6 | 45,4 | 56,4 | 43,6 |
| 0–14 | 51,5 | 48,5 | 52,9 | 47,1 | 54,4 | 45,6 |
| 15–17 | 51,3 | 48,7 | 46,8 | 53,2 | 46,9 | 53,1 |
| 18–24 | 59,3 | 40,7 | 59,7 | 40,3 | 64,9 | 35,1 |
| 25–44 | 57,6 | 42,4 | 55,9 | 44,1 | 57,4 | 42,6 |
| 45-сола ва аз ин боло | 47,0 | 53,0 | 50,5 | 49,5 | 48,0 | 52,0 |

Дар марҳалаҳои гуногуни муолиҷаи сил нақшҳои гендерӣ ба таъхири ташхис ва муолиҷаи сил таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Оилаҳо занонро аз нияти ба назди духтури мардина рафта, ташхису муолиҷа кардан бармегардонанд, ҳол он ки берун аз марказҳои калони маъмурӣ мумкин аст ҷои интихоб набошад ва фақат як духтури фтизиатр кор кунад. Дар маркази сили шаҳри Душанбе қарор дода шуд, ки дар он зиёда аз нисфи духтурон занҳо бошанд. Қариб хамаи занҳо гуфтанд, ки онҳоро аъзоёни оила ҳамроҳӣ карданд (модар, хола, шавҳар, хушдоман, кӯдакони хурдсол, ки онҳоро дар хона танҳо монда наметавонистанд, ё дугонаҳо).

[46] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тандурустӣ дар Тоҷикистон. 2019, с.22. https://www.stat.tj/ru
[47] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тандурустӣ дар Тоҷикистон. 2018, с.22. https://www.stat.tj/ru
[48] Агентии омори назди Президенти ҶТ. Тандурустӣ дар Тоҷикистон.– Душанбе, 2013, с.26

Ин маънои онро дорад, ки занҳои гирифтори сил бояд реҷаи рӯзи аъзоёни оилаи худро ба назар гиранд, то ки ҳамроҳи онҳо ба қабули духтур раванд.[49]

**ТАВСИЯҲО:**

Барои ошкор намудани омилҳои фарқгузор ва сабабҳои асосие, ки ба саломатӣ ва фавти занону мардон аз намудҳои гуногуни беморихо таъсир мерасонанд, гузарондани таҳлил на танҳо умуман аз рӯи ҷинс, балки аз рӯи тақсими занҳо ба гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ, занҳои деҳот ва шаҳр, минтақаҳои гуногун, занҳо аз хонаводаҳои «бой» ва «камбағал» ва ғ. зарур мебошад. Бинобар ин ба ҳисоботу маҷмуаҳои оморӣ дар соҳаи тандурустӣ ҳатман нишондиҳандаҳо аз рӯи тақсимоти занону мардон ба гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ворид карда шаванд.

Дар системаи МваА дар соҳаи тандурустӣ нишондиҳандаҳое, ки дастрасии занону мардонро ба намудҳои гуногуни хизматрасониҳои тиббӣ вобаста ба беморӣ, аз дараҷаи мурочиатҳо сар карда то гузаштан аз муоличa, андозагирӣ менамоянд, васеътар истифода бурда шаванд.

Шаклҳои паҳн намудани омор ва иттиooти аз ҷиҳати гендерӣ ҳассос дар соҳаи тандурустии аҳолӣ такмил дода шаванд. Аз сомонаҳои Вазорати тандурустии ҶТ ва Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ васеътар истифода бурда шавад. Имконияти дар сомонаҳо ташкил намудани саҳифаи «Омори гендерӣ» муҳокима карда шавад.

Васеъ намудани шаклҳои ҳамкории байни сохторҳои давлатӣ ва ТҶШ. Ҳамкории байни ТҶШ ва сохторҳои давлатӣ аксар вақт бо даъват намудани ТҶ ба чорабиниҳои сохторҳои давлатӣ маҳдуд мешавад. Таҷрибаи аз ҷониби сохторҳои давлатӣ истифода бурдани фармоиши иҷтимоӣ барои ТҶШ оид ба амалисозии ин ё он фаъолият дар чаҳорчӯбаи иҷрои ҲРУ ва стратегияҳои миллӣ васеъ карда шавад. Лоиҳаҳои муштараки мақомотҳо, муассисаҳои тандурустӣ бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолонатар ба нақша гирифта, амалӣ гардонда шаванд.

Бо мақсади беҳтар намудани баҳисобгирии таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба саломатии занону мардон ҳамкории байниидоравӣ чи дар байни сохторҳои давлатӣ ва чи дар байни сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият дода шавад. Хусусан дар ҳалли вазифаҳои ҲРУ 3.4. оид ба кам кардани ҳодисаҳои фавт аз худкушӣ ва 3.7 оид ба пешгирии ҳомилашавии наврасон ва кам кардани таваллуд дар байни ин гурӯҳ. Масалан, тибқи маълумоти дар сомонаи ЮНЕК ҷойдодашуда, Тоҷикистон дар байни 56 мамлакате, ки ба Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ дохил мешаванд, дорои Коэффитсиенти аз ҳама баландтарини таваллуд дар байни наврасон мебошад**.** Кайҳо зарурати он ба миён омадааст, ки оид ба омӯзиши муайянкунандаҳо (детерминантҳо) ва оқибатҳои ҳомилагӣ дар синни наврасӣ тадқиқоти миллии маҷмуӣ гузаронда шавад.

Ҳангоми гузарондани мониторинг ва арзёбии иҷрои барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ дар соҳаи тандурустӣ аз нерӯи ТҶШ васеътар истифода бурда шавад. Ҷалб намудани намояндагони ТҶШ ба фаъолияти муштарак бо сохторҳои давлатӣ дар ҳамаи марҳалаҳои гузарондани МваА: ба ҷамъоварии маълумот ва таҳлили иттилооти ҷамъ кардашуда, ба гурӯҳҳои корӣ оид ба тайёр кардани маърӯзаҳо дар бораи иҷрои ҲРУ, ба паҳн намудани иттилоот дар бораи натиҷаҳо мувофиқи мақсад мебошад.

Нерӯи ТҶШ барои иҷрои вазифаҳо дар соҳаи саломатии аҳолӣ: ҷоннок намудани корҳои муштараки профилактикӣ дар байни ҷамъиятҳо, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ дар

---

[49] https://www.gender.tj/images/Otchet-stigma-2020.pdf. Арзёбӣ ва чораҳоии пешгирии тамғачаспонӣ, монеаҳои гендерӣ ва ҳуқуқии дастрасӣ ба хизматрасониҳои зидди сил дар ҶТ.– Душанбе, 2020.

бораи ин ё он намуди бемориҳо, ташкил ва фаъолияти гурӯҳҳои дастгирии беморон ва ғ. васеътар истифода бурда шавад. Масалан, барои гузарондани чорабиниҳои муштараки иттилоотӣ оид ба пешгирии саратони ғадуди сина, пешгирии ВНМО, сил ва ғ.

Дар чаҳорчӯбаи беҳтарсозии ҳамдигарфаҳмӣ ва васеъ намудани ҳамкорӣ дар байни сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таълими якҷояи намояндагони ин сохторҳо дар тренингу семинарҳо васеътар таҷриба карда шавад.

## МОДДАИ 13. КӮМАКҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДӢ

Фарқияти гендерӣ дар сатҳ ва сифати шуғл ба маҳдудшавии дастрасии занон ба системаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ки ба иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ асос ёфтаанд, сабаб мегардад. Вуҷуд надоштани кори музднок ва собиқаи кӯтоҳи суғуртавии меҳнатӣ барои хизмати дарозмуддат ба андози подошҳои суғуртавии онҳо барои хизмати дарозмуддат ва иштироки онҳо дар барномаҳои таъминоти иҷтимоӣ, ки бо фаъолияти меҳнатӣ алоқаманданд, таъсири манфӣ мерасонанд. Тибқи омори расмӣ, то охири соли 2019 фарқияти гендерии байни нафақаҳои мардону занон 31%-ро на ба фоидаи занон ташкил дод.[50]

Системаи нави таъминоти нафақаи шаҳрвандон иборат аст аз: таъминоти нафақаи суғуртавӣ ва таъминоти нафақаи давлатӣ. Тибқи қонунгузорӣ, қисми асосии (ҳадди ақали) нафақа мутаносибан бо кифояти ақали зиндагии нафақагирон муқаррар ва муайян карда мешавад. Вале аз сабаби он ки андозаи сабати истеъмолӣ то имрӯз муайян карда нашудааст, мувофиқан кифояти ақали зиндагӣ низ муқаррар нагардидааст. Тибқи Фармони Президенти ҶТ №1580 аз 4 августи соли 2020, ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол 207 сомонӣ (19 доллар)-ро ташкил медиҳад.

Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2023, №526 «Дар бораи баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маошҳои мансабии амалкунандаи кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендияҳо» аз 1 июли соли 2023 андозаи ҳадди ақали нафақа аз рӯи синну сол (нафақаи асосӣ) 20 фоиз зиёд карда шуд ва он 250 сомонӣ (23 долл.)-ро ташкил медиҳад.

Давлат ба андозаи нафақаи меҳнатӣ аз рӯи синну сол маҳдудият гузошта, бо ин ҳуқуқи шаҳрвандонро ба таъминоти нафақаи иҷтимоӣ аз рӯи синну сол вайрон мекунад. Бо вуҷуди он ки шаҳрванд дар давраи фаъолияти меҳнатии худ ҳаққи суғуртаро аз меъёри муқарраршуда хеле зиёдтар пардохт кардааст, мувофиқи худи ҳамин Фармони Президенти мамлакат шаҳрванд аз 978 сомонӣ (90 долл.) зиёдтар гирифта наметавонад.

Занони маъюб ва модароне, ки кӯдакони маъюбро мустақилона тарбия мекунанд, дар вазъияти осебпазиртар қарор доранд. Ба шахсони маъюб нафақаи иҷтимоӣ таъйин карда мешавад. Аз соли 2023 барои маъюбони гурӯҳи I он 320,5 сомонӣ (29 долл.), маъюбони гурӯҳҳои I ва II аз кӯдакӣ, кӯдакони маъюби то 18-сола – 258,4 сомонӣ (23,5 долл.), маъюбони гурӯҳҳои II ва III – 134,2 сомонӣ (12 долл.). муқаррар шудааст. Ин маблағ мутлақо ба ягон чиз кифоят намекунад.

Модарон ё шахсоне, ки ба кӯдакони маъюб парасторӣ мекунанд (саробонҳо) ягон хел кӯмакпулии иловагӣ ва имтиёзҳои иҷтимоӣ намегиранд ва, мувофиқан, дар вазъияти душвори молиявӣ қарор доранд. Онҳо кӯдаконро ба ягон кас монда наметавонанд, то ки кор пайдо кунанд, ба онҳо собиқаи меҳнатӣ ҳисоб карда намешавад, корманди иҷтимоӣ

[50] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Занон ва мардони Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.– Душанбе, 2020, с.146–147.

пешниҳод намекунанд, то онҳо кор карда тавонанд. Бинобар ин онҳо дар пиронсолӣ нафақаи сазовор гирифта наметавонанд.

Ба ҳодисаҳои ҳуқуқвайронкунӣ ва содир карда шудани зӯроварии иқтисодӣ нисбати занони маъюб аз ҷониби хешовандон ё шавҳарони онҳо, ки нафақаи онҳоро кашида мегиранд, диққат додан лозим аст.

Аз сабаби номукаммалии базаи меъёрии ҳуқуқӣ занҳое, ки чун соҳибкорони инфиродӣ дар асоси патент кор мекунанд, ба кӯмакпулиҳо аз рӯи ҳомилагӣ ва таваллуд дастрасӣ надоранд. Инчунин механизми дақиқи таъйин намудани нафақа аз рӯи пиронсолӣ барои занони ин категория вуҷуд надорад, сарфи назар аз он ки онҳо ҳар моҳ бо маблағи муайяни пулӣ андози иҷтимоӣ пардохт мекунанд[51]. Илова ба ин, андози мазкур давра ба давра зиёд карда мешавад.

## ТАВСИЯҲО

Ҳангоми таҳия ва иҷрои сиёсат системаи шаффоф, дастрас ва табъизнакунандаи таъминоти иҷтимоӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ бо назардошти муносибати гендерӣ ва ба ин равандҳо ҷалб намудани бахши ҷамъиятии Тоҷикистон пешбинӣ карда шавад.

Парастории кӯдакони маъюб ё маъюбон аз кӯдакӣ барои шахсоне, ки ба онҳо парасторӣ менамоянд, чун меҳнати музднок эътироф карда шавад. Барои модароне, ки кӯдаки маъюбро тарбия мекунанд, ва заноне, ки ба аъзои маъюби оила парасторӣ мекунанд, бо ҳиссаҷудокунии андозҳои иҷтимоӣ ба номи онҳо ба Фонти суғуртаи иҷтимоӣ музди кори ҳадди ақал муайян ва пардохт карда шавад.

Камбудиҳои базаи меъёрии ҳуқуқӣ бартараф намуда, дар онҳо барои соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент кор мекунанд, пардохтҳои иҷтимоӣ дар мавридҳои беморӣ, маъюбӣ ё дар вақти рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд пешбинӣ карда шавад. Дар вақти беморӣ ё рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд имконияти боздоштани патент ё шаҳодатнома пешбинӣ карда шавад.

# МОДДАИ 14. ЗАНОНИ ДЕҲОТ

## МУШКИЛОТ

Дар оинаи вазъи занони деҳот дар Тоҷикистон тамоми маҷмуи омилҳои мусоид ва номусоиде, ки ба рушди деҳот ва хоҷагиҳои деҳот таъсир мерасонанд, инъикос меёбад.

Дар деҳоти ҶТ назар ба шаҳр дараҷаи камбизоатӣ баландтар аст. Дар Тоҷикистон камбизоатӣ дар асоси дараҷаи истеъмоли хонаводаҳо, ки аз манбаъҳои гуногуни даромад, аз ҷумла аз музди меҳнат ва интиқоли пул вобастагӣ дорад, андозагирӣ карда мешавад. Бо назардошти он ки ҳиссаи зиёди аҳолии шуғлдор ба кишоварзӣ рост меояд, инчунин бо назардошти хусусияти мавсимӣ доштани шуғли муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа, дар мавсимҳои гуногун дар истеъмол ва сатҳи некӯаҳволии хонаводаҳо тағйиротҳои калон мушоҳида карда мешаванд.[52]

Аз ҳамаи ин проблемаҳо ҳам мардони деҳот ва ҳам занони деҳот ҷабр мебинанд. Вале бо таъсири тақсимоти анъанавии нақшҳои гендерӣ дар оила, сарбории зиёди занон дар иҷрои корҳои хонагӣ, кор дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва ғ. занҳо бештар оқибатҳои манфиро ҳис мекунанд.

---

[51] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатноима фаъолият мекунанд».
[52] https://blogs.worldbank.org/ru/europeandcentralasia/what-s-behind-slowing-pace-poverty-reduction-tajikistan

Сарфи назар аз теъдоди зиёди стратегияю барномаҳои қабулшуда оид ба пешбурди занон, аз ҷумла занони деҳот, нобаробарии гендерӣ на фақат ҳоло ҳам вуҷуд дорад, балки дар баъзе соҳаҳо боз ҳам бештар гардидааст, хусусан дар соҳаи дастрасӣ ба намудҳои гуногуни захираҳо.

Ҳуқуқҳои занон ба замин бо баробарии гендерӣ робитаи зич ва бағоят муҳим доранд. Онҳо омилҳои асосие ба шумор меравaнд, ки ба мустақилияти иқтисодии занон ва қабули қарорҳо мусоидат мекунанд. Онҳо дар барқарор намудани мувозинати муносибатҳои нобаробари ҳукмфармоӣ дар оила, ҷомеа ва муассиса омили асосӣ ба шумор меравaнд. Ҳуқуқ ба замин масъалаи марказиест, ки барои зудтар ба даст овардани баробарҳуқуқии воқеӣ нақши муҳим мебозад.

Занон назар ба мардон замини камтар доранд, ба раванди қабули қарорҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ба тақсими фоидаи молиявӣ аз ҷамъоварии ҳосил, ба гирифтани қарз ва ғ. дастрасии нобаробар доранд.

Сарфи назар аз он ки бо корҳои кишоварзӣ бештар занон машғул мебошанд, дар масъалаи дастрасӣ ба замин нобаробарии гендерӣ баръало мушоҳида карда мешавад. Тибқи маълумоти Муоинаи қувваи корӣ – 2016, дар соҳаи кишоварзӣ 61%-и шумораи умумии занони шуғлдор меҳнат мекунанд. Дар Тоҷикистон ҳангоми тақсими замин ҳодисаҳои табъизи бевоситаи занон амалан кам рӯй медиҳанд. Аммо бо сабаби имкониятҳои нобаробар ва вуҷуд доштани фарқиятҳо занҳо бештар ба табъизи бавосита дучор мегарданд.

Хоҷагиҳои деҳқонию фермерии (ХДФ) сардорашон зан ба ҳисоби миёна одатан саҳмдорони камтар доранд, дар байни саҳмдорон занҳо бештаранд ва майдони қитъаи замини онҳо назар ба ХДФ-и сардорашон мард камтар мебошад. ХДФ-и сардорашон зан ва занҳои деҳот аз сабаби вуҷуд надоштани моликият, инчунин имконияти пешниҳод карда натавонистани гарав хеле камтар барои гирифтани қарз муроҷиат мекунанд.

Аз соли 2016 то соли 2021 шумораи ХДФ-и сардорашон зан 1,3 маротиба ё аз 31041 то 39165 воҳид афзуд. Дар баробари ин дар соли 2021 шумораи роҳбарони хоҷагиҳо – занон дар муқоиса бо мардон зиёда аз 3 маротиба кам шуд. Ҳиссаи занон дар ХДФ-и сардорашон зан ҳамагӣ 23,5%-ро ташкил медиҳад. Илова бар ин занҳо ҳамагӣ 11% заминҳои киштро идора мекунанд.[53] Дар шароити калон кардани ХДФ хавфи зиёди он вуҷуд дорад, ки эҳтимол ҳиссаи занон дар байни роҳбарон кам гардад.

Ҳангоми таҳияи тадбирҳо барои такмил додани сиёсат оид ба пешбурди ҳуқуқҳои занони деҳот ба назар гирифтан зарур аст, ки манбаъҳои васоити рӯзгузаронии занон дар муқоиса бо мардон аз захираҳои табиӣ бештар вобастагӣ дорад. Занҳо дар ҷустуҷӯи манбаъҳои алтернативии воситаҳои рӯзгузаронӣ душвориҳои зиёдро аз сар мегузаронанд. Яке аз омилҳои асосии кам кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон даромад аз шуғл мебошад, вале дар байни занон торафт бештар кам шудани дараҷаи шуғл дида мешавад.

Дар Тоҷикистон дар ҳайати кадрии мақомоти идоракунии кишоварзӣ, заминсозӣ ва дигар сохторҳои соҳавӣ нобаробарии гендерӣ бараъло мушоҳида карда мешавад. Занҳо бояд на фақат ба замин ва захираҳои дигар дастрасӣ дошта бошанд, балки ба онҳо назорат карда тавонанд ва тавассути ин ба қабули қарорҳо дар бораи мушкилоти мубрам таъсири воқеӣ расонанд.

Дар байни донишҷӯёни мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ ҳиссаи духтарон хеле кам аст, ки ин ба баланд бардоштани дараҷаи намояндагии занон дар ҳайати роҳбарии муассисаҳои давлатӣ

[53] Ниг.: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Нишондиҳандаҳои гендерӣ дар фаъолияти истеҳсолии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2019–2021.– 2022, с.62.

ва шахсие, ки барои идора кардани системаҳои экологӣ ва захираҳои табиӣ масъул мебошанд, мусоидат намекунад. Дар соли таҳсили 2021/2022 ҳиссаи духтарон дар байни донишҷӯёни мактабҳои миёнаи махсус аз рӯи ихтисоси кишоварзӣ танҳо 11,4%, дар мактабҳои олӣ – 6,3%, заминсозӣ, геодезия, харитасозӣ ва топография – 8,7%-ро ташкил дод.[54]

Занони деҳот, дар муқоиса бо мардон, бештар бо меҳнати бемузде, ки онҳо на танҳо дар хона, балки дар корхонаҳои оилавӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ низ иҷро мекунанд, машғул мебошанд. Рафъи монеаҳо дар роҳи таъмини баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл ва фаъолиятнокии занони деҳот дар бозори меҳнат бевосита аз васеъ намудани дастрасии занон ба таҳсилот, гирифтани донишу малакаҳои касбӣ, рушди инфрасохторҳо дар соҳаҳои таҳсилоти томактабӣ, хизматрасонии маишӣ, нақлиёт, алоқа ва ғ. вобаста мебошад.

Масъалаҳои рушди инфрасохторҳои хизматрасонии маишӣ дар деҳот ва таъминоти иҷтимоии аҳолии деҳот вазифаҳои мубрам ба шумор мераванд. Усулҳои ба ҳисоб гирифтани ҳуқуқҳои нафақавии меҳнаткашони деҳот, ки аксарияти онҳоро занон ташкил медиҳанд, ба қадри кофӣ такмил дода нашудаанд.

## ТАВСИЯҲО

### Оид ба таҳияи санадҳои меъёрӣ ва барномавӣ

Тадбирҳое, ки давлат меандешад, бояд ба гирифтани натиҷаҳои баробар барои мардону занон равона шуда бошанд, на ба муносибати якхела нисбати мардону занон, занҳои деҳот ва шаҳр. Ба назар нагирифтани имкониятҳои гуногуни умуман занону мардон, занҳои деҳот ва шаҳр барои амалисозии ҳуқуқҳои додашуда ҳангоми қабули ин ё он қонун, стратегия, барнома ё андешида шудани ин ё он тадбир амалан ба табъизи бавоситаи занони деҳот бурда мерасонад.

Ҳангоми таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои нави амалиёт фарқиятҳои калони байни имкониятҳои мардону занон, хоҷагиҳои фермерӣ, хонаводаҳои сардорашон мард ва сардорашон зан, инчунин фарқ доштани хусусиятҳо ва вижагиҳои иҷтимоию демографии ин хоҷагиҳоро аз рӯи намуд, андоза, таркиб, нерӯ ва ғ. ба эътибор гирифтан зарур аст. Ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири деҳот: занони дорои кӯдакони хурдсол; занҳое, ки дар оилаашон кӯдаки маъюб ё аъзои оилаи маъюб доранд; «занҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки шавҳарашон партофта рафтааст»; занҳои дараҷаи маълумоташон паст аҳамият додан зарур аст. Аз гурӯҳи номбаршуда занҳое, ки дар қишлоқҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, дар гурӯҳи махсуси хатар қарор доранд.

Бо сабаби тағйир дода шудани базаи қонунгузорӣ дар қисми бегона кардани ҳуқуқи истифодаи замин ва ташаккул додани бозори замин бағоят зарур аст, ки ба базаи меъёрии ҳуқуқӣ тағйиротҳои дахлдор ворид намуда, дар байни аҳолии деҳот корҳои фаҳмондадиҳӣ ва иттилоотӣ гузаронда шаванд.[55]

Гузарондани чорабинии васеи иттилоотӣ бо иштироки занон оид ба муқаррароти Кодекси замини ҶТ, аз ҷумла муқаррарот дар бораи татбиқи реҷаи молу мулки якҷоя дар вақти никоҳ ҷамъкардашуда нисбати ҳуқуқи бегона кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин мувофиқи мақсад мебошад.

---

[54] Ниг.: ҳисоб дар асоси маълумотҳо: Агентии омори назди Президенти ҶТ. Таҳсилот дар ҶТ.– 2022, с.61, 73.

[55] Ниг.: Кодекси замини ҶТ, моддаи 10. «Ба қитъаи замине, ки ба истифодабарии он аз ҷониби заминистифодабаранда – шахси воқеӣ ҳангоми дар никоҳ будан бо ҳуқуқи бегона намудани он ҳуқуқ пайдо кардаанд, муқаррароти пешбининамудаи ќонунгузории гражданӣ ва оила дар бораи моликияти умумии ҳамсарон татбиқ мегардад».

Ба барҳам додани ҷудокунии (сегрегатсияи) касбӣ аз рӯи аломати ҷинс бевосита тавассути зиёд кардани квотаҳои Президентӣ барои духтарони деҳот бо мақсади омӯхтани чунин ихтисосҳо, ба монанди ҳуқуқ, иқтисод ва молия, кишоварзӣ, менеҷмент ва ғ., васеъ намудани гурӯҳҳои таълимии занон барои омӯзиши ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнат талабот ба онҳо зиёд аст (на аз рӯи принсипи ихтисосҳои «мардона» ва «занона») ва ғ. таъсир расондан мумкин аст.

**Баланд бардоштани нерӯи занону мардони деҳот**

Амалисозии тадбирҳо барои баланд бардоштани сатҳи маълумоти аҳолӣ дар бораи ҳуқуқ барои захираҳои иқтисодӣ, дар бораи ҷузъҳои ислоҳоти гузарондашавандаи аграрӣ, дар бораи имконияту бартариятҳои намудҳои гуногуни хоҷагиҳои фермерӣ, кооперативҳои кишоварзӣ ва масъалаҳои дигар.

Баланд бардоштани дараҷаи рақобатпазирии занон дар асоси истифодаи шаклҳои гуногуни тайёр кардани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, таҳияи барномаҳои доимо амалкунанда оид ба баланд бардоштани нерӯи занон дар соҳаи низоми нави маблағгузорӣ, технологияҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ, истифодаи ТИК ва ғ.

Таҳияи барномаю маводи таълимие, ки ба усулҳои алтернативии маҳаллии зироаткорӣ, ба низомҳои энергетикӣ ва захираҳои об нигаронида шудаанд, бо маблағгузории андӯхташаванда барои афзун намудани нерӯи онҳо дар идоракунии захираҳои замин, об ва гуногунии биологӣ;

Ҷалб намудани занон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба мониторинг ва арзёбии вазъи амнияти озуқаворӣ, кам кардани таъсири тағйирёбии иқлим ба соҳаи кишоварзӣ, паст кардани осебпазирии занон аз офатҳои табиӣ.

**Васеъ намудани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ**

Фаъолона ҷорӣ кардани қарзҳои ба самти иҷтимоиёт нигарондашудаи фоизашон паст барои гурӯҳҳои нисбатан осебпазири занони деҳот бо мақсади васеъ намудани дастрасии онҳо ба захираҳои молиявӣ, истифодаи низоми қарздиҳии бегарав дар асоси қарздиҳии гурӯҳӣ, замонат ё шаклҳои дигар; додани имконият барои пардохти пеш аз муҳлати қарз бидуни ҷарима, пушаймонпулӣ ва ғ.

Васеъ истифода бурдани таҷрибаи бобарори ташкил ва фаъолияти иттифоқҳои кредитӣ дар ҷумҳурӣ, ки назар ба дигар ташкилотҳои кредитӣ як қатор бартариятҳо доранд: вуҷуд надоштани зарурати маблағҳои калон барои ташкили иттифоқи кредитӣ; назорати мустақилонаи аъзоёни иттифоқ ба пасандозҳои худ; истифода бурдан аз хизматрасониҳои бонкӣ бевосита дар ҷои истиқомат; имконияти гирифтани қарз бо фоизи назар ба бонкҳо пасттар; имконияти гирифтани фоизи баландтар барои пасандозҳои худ дар муқоиса бо депозитҳо дар бонк ва ғ.

Андешидани тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии ташкилотҳои хурди қарздиҳие, ки барномаю лоиҳаҳои иҷтимоиро амалӣ намуда, дар ин соҳа таҷрибаи бобарор доранд.

## МОДДАИ 15. ҚОБИЛИЯТИ БАРОБАРИ ҲУҚУҚДОРИИ МАРДОНУ ЗАНОН ВА ҲУҚУҚҲОИ БАРОБАРИ МОЛУМУЛКӢ

### МУШКИЛОТ

Мувофиқи қонунгузории граждании занону мардон ҳуқуқҳои баробар доранд. Кодекси граждании дорои меъёрҳои аз ҷиҳати гендерӣ бетараф мебошад. Дар амал бошад, мардҳо ба доштани молу мулки худ, идора кардани ин молу мулк, аз бонкҳо гирифтани қарз барои пеш бурдани тиҷорат, мерос гирифтан ва ғ. имконияти бештар доранд.

Аз соли 2018 то имрӯз ин ҳолат чандон дигар нашудааст. Ҳатто молу мулки дар давраи никоҳ якҷоя ҷамъкардашуда аксар вақт ба номи мардҳо гузаронда мешавад.

Таҳлили муроҷиатҳо ба қабулгоҳҳои ҳукуқии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки занҳо ба он ҷо барои гирифтани машварат муроҷиат мекунанд, нишон медиҳад, ки занҳо аксари вақтҳо баъди ҷудошавӣ аз шавҳар ягон хел молу мулк намегиранд, зеро онҳо дар рафти зиндагии якҷоя бо шавҳар, одатан, дар оилаи волидони шавҳар зиндагӣ мекунанд. Гарчанде Кодекси оилаи ҶТ пешбинӣ намудааст, ки зану шавҳар ба молу мулки муштарак ҳуқуқи баробар доранд ва якҷоя молу мулки умумиро идора ва ихтиёрдорӣ мекунанд.

Қонунгузорӣ барои ихтиёрдорӣ кардани яке аз ҳамсарон ба молу мулк далели ризоияти ҳамсари дигарро талаб менамояд. Вале дар амал занҳо ба даромади шавҳарашон ихтиёрдорӣ намекунанд ва ҳатто мумкин аст дар бораи даромади онҳо чизе надонанд. Масалан, муҳоҷири меҳнатӣ пули коркардаи худро ба зану кӯдакон не, балки ба волидонаш мефиристад, ба ин мулоҳиза, ки онҳо чун аъзоёни калонсоли оила пулҳоро оқилона ва дуруст истифода мебаранд. Вале ин на ҳамеша чунин аст ва зану кӯдакон ғизою таълими зарурӣ намегиранд, илова бар ин зан дар хонаи волидони шавҳар зиндагӣ карда, нақши хизматгорро мебозад ва даромади мустақилонаи худро надорад. Инчунин тамоюле вуҷуд дорад, ки мард ҳангоми харидани молу мулки ғайриманқул ё автомобил онро на ба номи худ, балки ба номи волидон ё бародаронаш мегузаронад.

Зан баъди ҷудошавӣ, одатан, бо кӯдакони худ танҳо мемонад, бе манзил ва бе пулу бемол. Ягона чизе, ки ӯ даъво карда метавонад, ин алиментӣ ночизест, ки бо қарори суд ба ӯ дода мешавад ва он ҳатто ба сер кардани шиками кӯдаконаш ҳам кифоят намекунад.

Дар қонунгузории оила беадолатии дигаре низ мушоҳида карда мешавад, ки бо масъалаи фурӯши молу мулки ғайриманқули якҷоя ҷамъкардаи ҳамсарон алоқаманд мебошад. Қонунгузорӣ барои ихтиёрдорӣ кардани яке аз ҳамсарон ба молу мулк далели ризоияти ҳамсари дигарро талаб менамояд. Муомилоте, ки аз ҷониби яке аз ҳамсарон оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ анҷом дода шудааст, аз ҷониби суд қисман бо сабаби мавҷуд набудани розигии ҳамсари дигар танҳо ҳангоме ғайриқонунӣ эътироф мегардад, ки агар яке аз онҳо бо чунин талаб муроҷиат намояд ва танҳо дар сурати собит гардидани он, ки тарафи дигар аз муомилот огоҳ буд ё пешакӣ бояд норозӣ будани тарафи дигарро барои анҷом додани чунин муомилот медонист (қисми 2 моддаи 35 Кодекси оилаи ҶТ).

Қонунгузори Тоҷикистон имконияти эътироф намудани чунин муомилотро чун муомилоти беэътибор танҳо дар қисми (ҳиссаи) ҳамсари зарардида пешбинӣ менамояд. Ҳисса дар муомилоти ҳамсаре, ки ҳуқуқҳои ҳамсари дигарро вайрон кардааст, чи хеле ки буд, ҳамон тавр мемонад. Ба гумон аст, ки чунин қоида одилона бошад. Дар ҳар сурат ҳуқуқҳои ҳамсаре, ки ризоияти нотариалии ӯ гирифта нашудааст, онҳо бошанд, аксар вақт занонанд, метавонанд аз бастани муомилоте, ки мумкин аст қисман беэътибор эътироф карда шавад, зарар мебинанд. Масалан, ҳамсар манзил дошта, метавонад аз он маҳрум шавад ё бо одамони номатлуб ҳамсоя шавад ва ғ. Бинобар ин одилона мебуд, агар дар мавридҳои воқеан маҳдуд

карда шудани ҳуқуқҳои ҳамсари дигар ва бо назардошти манфиатҳои кӯдакон имконияти пурра беэътибор эътироф намудани муомилот пешниҳод карда шавад. Дар ин маврид тарафҳои чунин муомилот бояд ба ҳолати аввала баргардонда шаванд[56].

Ба зан пешниҳод кардани далел дар бораи он ки ӯ дар бораи муомилот медонист, ҳатто агар молу мулк ба номи ӯ ё ба номи шавҳараш навишта нашуда бошад, амалан ғайриимкон аст, ғайр аз ин масъалаҳои мазкур муносибати касбии ҳуқуқиро талаб мекунанд. Заноне, ки дар ҶТ дар қайди никоҳ мебошанд, донишҳои ҳуқуқӣ надоранд ва наметавонанд манфиатҳояшонро дар суд мустақилона ҳимоя кунанд. Аз рӯи чунин парвандаҳо ёрии ҳуқуқии такрории ройгон расонда намешавад.

## ТАВСИЯҲО

Қонунгузории гражданӣ ва оила бо назардошти ҳуқуқу имкониятҳои молумулкии баробари занону мардон такмил дода шавад.

Оид ба ҳуқуқҳои баробари молумулкӣ ва меросии занону мардон ва аҳамиятнокии дастгирии занону духтарон чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ гузаронда шаванд.

## МОДДАИ 16. НИКОҲ ВА МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

## ДАСТОВАРДҲО

Ҳоло дар соҳаи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ислоҳот идома дорад. Низоми бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дорои воситаҳои андозагирии гендерии возеҳу равшане мебошад, ки ба фаҳмиши вазъи демографӣ, масъалаҳои тандурустӣ дар мамлакат, инчунин ба фаҳмиши як қатор масъалаҳои ҳифзи муносибатҳои расмии оилавӣ мусоидат мекунанд.

Ҳангоми таҳлили муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ошкор карда шуд, ки дар амал мардҳо баъди ҷудошавӣ аз ҳамсар аз ҳуқуқ ба насаби худ суъистифода мекунанд. Масалан, ҳангоми бақайдгирии никоҳ ҳамсарон ҳуқуқ доранд насаби худро нигоҳ доранд ё насаби ҳамсари худро гиранд. Дар асоси қолабҳои гендерӣ, бисёре аз шавҳарон исрор менамоянд, ки зан насаби ҳамсари худро гирад. Баъди ҷудошавӣ бошад, Қонун ба онҳо имкон дод талаб кунанд, ки зан насаби худро дигар карда, насаби падарии худро гирад, ки ин хароҷоти молиявии иловагиро талаб мекунад. Бо назардошти ин амалияи манфӣ ба моддаи 45 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» тағйирот ворид карда шуд ва ҳоло ҳамсаре, ки ҳангоми ақди никоҳ насаби худро тағйир додааст, пас аз бекор кардани ақди никоҳ ҳуқуқ дорад насабашро тағйир надиҳад ё бо талаби ӯ ҳангоми бақайдгирии бекор кардани ақди никоҳ аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба ӯ насаби то ақди никоҳ доштааш дода шавад. Яъне, ин ба хоҳиши зан вобаста аст.

## МУШКИЛОТ

Банди 46.а Тавсияи Кумита дар бораи бекор кардани муоинаи ҳатмии тиббӣ иҷро карда нашуд. Қоидаҳои ройгон будани муоинаи тиббӣ аксари вақтҳо иҷро карда намешаванд[57]. Машваратҳое, ки ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи шахсони бо ВНМО зиндагикунанда дар вилояти Хатлон (ҷануби мамлакат) гузаронд, нишон медиҳанд,

---

[56] Тағоева С.Н. Тамоюли рушди қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои такмил додани он. Маъруза дар Форуми 2-юми миллӣ оид ба Волояти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ, 3 ноябри соли 2016.
[57] Моддаи 15 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ки сардухтурони дармонгоҳҳо ва марказҳои солимӣ духтуронро ба таври ғайрирасмӣ маҷбур мекунанд, ки ҳамаи никоҳшавандаҳоро барои гузаштан аз муоина (тест барои ВНМО, гепатитҳои «В» ва «С», сифилис) фақат ба як озмоишгоҳи тиҷоратӣ - «ФАРОЗ» равон кунанд.

Тартиби гузарондани муоинаи тиббӣ талаб мекунад, ки никоҳшавандагон бояд аз натиҷаҳои муоинаи якдигар воқиф гардонда шаванд. Аксар вақт ҳангоми муоинаи тиббии ҷавонон, хусусан духтарон, волидони (модарони) онҳо иштирок мекунанд, ки ин ба талаботи қонун ҷавоб намедиҳад.

Мушкилоти дигари муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ вайроншавии оилаҳо ва таъминоти нобаробарҳуқуқонаи кӯдакон аз ҷониби волидон мебошад. Бори гарони таъминоти кӯдакон баъди вайроншавии оила ба дӯши модарон меафтад. Мушкилоти пардохти алимент аз ҷониби падарон то ҳал нашудааст. Маблағи алимент ночиз буда, ба ҳисоби миёна ба як кӯдак 20–25 долларро ташкил диҳад ҳам, бо вуҷуди ин падарон аксар вақт ҳатто ҳамин маблағи ночизро пардохт намекунанд. Иҷрокунандагони суд кори худро суст иҷро мекунанд. Ҳайати иҷрокунандагони суд аз ҷиҳати гендерӣ нобаробар аст, аксарияти кормандон мардҳо буда, тайёрии сусти касбӣ доранд. Масъалаи занони дуюм ва сеюм ҳоло ҳам яке аз масъалаҳои мубраме мебошад, ки ба вазъи занон таъсири манфӣ мерасонад.

**Амалҳои заранок**

Дар Кодекси оилаи ҶТ синни никоҳ аз 18-солагӣ муқаррар шудааст. Қисми 2 моддаи 13 имконият медиҳад, ки дар ҳолатҳои истисноӣ бо қарори суд синни никоҳӣ кам карда шавад. Вале дар қонунгузорӣ рӯйхати ҳолатҳои истисноӣ вуҷуд надорад.

Суди олии ҶТ амалияи судиро оид ба кам кардани синни никоҳӣ барои бастани ақди никоҳ тавзеҳ намедиҳад. Судҳо дар фаъолияти худ муносибатҳои гендериро истифода намебаранд, зеро ба чунин ҳуқуқҳои духтарони никоҳшаванда, ба монанди ихтиёрӣ будани бастани ақди никоҳ, манфиатҳои кӯдак, мустақилона қабул кардани қарорҳо, аҳамият намедиҳанд. Масъалаҳои таҳсили духтарон, имконияти идома додани таҳсил баъди даромадан ба ақди никоҳ хеле кам баррасӣ карда мешаванд ва аҳамияти оморӣ надоранд.

Бар хилофи меъёрҳои қонунгузорӣ, агар духтар ҳанӯз ба синни 18 нарасида бошад, никоҳ бо роҳи динӣ баста мешавад. Ба кормандони дин аз ҷониби мақомоти ваколатдор тавсия дода шуда буд, ки бе тасдиқи шаҳодатномаи расмӣ дар бораи ба қайд гирифтани ақди никоҳ маросими ақди никоҳро нагузаронанд. Аммо дар худи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» меъёрҳое, ки гузарондани ақди никоҳро бе тасдиқи шаҳодатномаи расмӣ дар бораи ба қайд гирифтани ақди никоҳ манъ мекунанд, вуҷуд надоранд. Дар натиҷа, бисёранд ҳолатҳои никоҳи духтарони ноболиғ ё никоҳи занҳои «дуюм» ё «сеюм».

Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ аз паҳншавии чунин амалияи зарарнок дар шимоли мамлакат (вилояти Суғд), ба монанди никоҳи шартномавӣ, ноншиканон ё фотиҳа изҳори нигаронӣ менамоянд. Духтарро аллакай аз синфи 9 ва баъзан аз ин ҳам барвақттар фотиҳа мекунанд. Аз ин лаҳза сар карда, духтар зери назорати ҷиддии хешу таборони домод қарор мегирад, «то ки шарманда накунад». Дар натиҷа ҳуқуқҳои ӯ барои таҳсил ва инкишофи муътадил маҳдуд мегарданд. Аз ҷониби сохторҳои давлатӣ корҳои мубориза бо чунин амалҳо суст амалӣ карда мешаванд.

Дар қонунгузории мамлакат чунин мафҳумҳо, ба монанди амали зарарнок, никоҳи бармаҳал ва маҷбурӣ, никоҳи шартномавӣ муайян карда нашудаанд.

**ТАВСИЯҲО:**

1. Аз КО ҶТ меъёри кам кардани синни никоҳӣ хориҷ карда шавад.

2. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ» №272 дар қисми уҳдадориҳои мулло гузарондани ақди никоҳ танҳо баъди ҳатман пешниҳод намудани шаҳодатнома дар бораи ақди никоҳ тағйирот ворид карда шавад. Барои риоя накардани талаботи мазкур ҷавобгарии алоҳидаи ҷиноятӣ ҷорӣ карда шавад.

3. Ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» тағйирот ворид намуда, мафҳумҳои «амали зарарнок», «никоҳи барвақт», «никоҳи маҷбурӣ», «никоҳи шартномавӣ» дохил карда, тарзу усулҳои мубориза бо ин зуҳурот пешбинӣ карда шаванд.

4. Кори мақомоти прокуратура ҷиҳати ба ҷавобгарӣ кашидан тибқи моддаи 168 КҶ ҶТ «Ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳ нарасида» ва моддаи 169. «Бастани ақди никоҳ дар ҳаққи шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст» пурзӯр карда шавад. Оид ба омори мазкур мунтазам иттилооти оммавӣ пешниҳод карда шавад.

5. Бо назардошти ҳуқуқи инсон ва хусусияти гуногунпаҳлӯ доштани эпидемияи ВНМО дар Тоҷикистон муоинаи ҳатмии тиббӣ барои муайян кардани ВНМО дар шахсоне, ки ба ақди никоҳ медароянд, бо муоинаи ихтиёрӣ ва тавсияшаванда иваз карда шавад. Ба Кодекси оилаи ҶТ тағйироти дахдор ворид карда шавад.

6. Гузарондани тадқиқоти мавзуӣ ва омӯхтани он ки меъёрҳои ҷорӣ кардашуда дар бораи ҳатмӣ будани муоинаи тиббӣ ба бунёди оилаи солим ва пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла ВНМО, то кадом андоза мусоидат мекунанд, мувофиқи мақсад аст. Оё талаботи мазкур ба камшавии бақайдгирии расмӣ дар САҲШ (ЗАГС) ва зиёдшавии никоҳҳои динӣ бурда намерасонад. Зеро муносибатҳои ба қайд гирифтанашудаи никоҳӣ одатан боиси маҳдудшавии ҳуқуқҳои занону кӯдакони аз ин гуна никоҳ таваллудшуда мегарданд.

7. Оид ба гузарондани ислоҳоти низоми истеҳсолоти иҷро бо назардошти ҳуқуқу манфиатҳои занону кӯдакон пешниҳодҳо таҳия карда шаванд Нерӯи кадрии иҷрокунандагони суд дар масъалаи таъмини баробарии гендерӣ тақвият дода шавад.

Барои қайдҳо:

АЗ БАРОБАРИИ ҲУҚУҚӢ — БА БАРОБАРИИ ВОҚЕӢ

# ЧЕТВЕРТЫЙ АЛЬТЕРНАТИВНЫЙ ДОКЛАД ОБЩЕСТВЕННЫХ ОБЪЕДИНЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА ПО РЕАЛИЗАЦИИ КОНВЕНЦИИ О ЛИКВИДАЦИИ ВСЕХ ФОРМ ДИСКРИМИНАЦИИ В ОТНОШЕНИИ ЖЕНЩИН

Душанбе – 2023

# ЧЕТВЕРТЫЙ АЛЬТЕРНАТИВНЫЙ ДОКЛАД ОБЩЕСТВЕННЫХ ОБЪЕДИНЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА ПО РЕАЛИЗАЦИИ КОНВЕНЦИИ О ЛИКВИДАЦИИ ВСЕХ ФОРМ ДИСКРИМИНАЦИИ В ОТНОШЕНИИ ЖЕНЩИН

**ДУШАНБЕ – 2022**

## ВЫРАЖЕНИЕ ПРИЗНАТЕЛЬНОСТИ

Коалиция общественных объединений Республики Таджикистан «От равенства юридического – к равенству фактическому» выражает признательность Программному офису ОБСЕ в Душанбе за поддержку в проведении круглых столов по обсуждению и публикацию Четвертого альтернативного доклада общественных объединений Таджикистана по реализации Конвенции о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин.

Выражаем слова благодарности Программному офису ООН-женщины в Таджикистане за поддержку в переводе краткой версии Альтернативного доклада на английский язык и переводе расширенной версии Альтернативного доклада на таджикский и английский языки, а также поддержку в его обсуждении со всеми заинтересованными структурами.

Мы благодарны представителям всех общественных объединений, международных организаций, государственных структур, религиозных организаций и СМИ, принимавшим участие в обсуждении проекта альтернативного доклада и высказавшим конструктивные замечания и дополнения.

**ОТЧЕТ ИЗДАН ПРИ ФИНАНСОВОЙ ПОДДЕРЖКЕ ПРОГРАММНОГО ОФИСА ОБСЕ В ДУШАНБЕ.**

**СОДЕРЖАНИЕ ПУБЛИКАЦИИ МОЖЕТ НЕ ОТРАЖАТЬ ТОЧКУ ЗРЕНИЯ ПРОГРАММНОГО ОФИСА ОБСЕ В ДУШАНБЕ И ПРОГРАММНОГО ОФИСА ООН-ЖЕНЩИНЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ.**

# СОДЕРЖАНИЕ

СТАТЬЯ 1. Дискриминация в отношении женщин........................................................... 6

СТАТЬЯ 2. Обязательства по ликвидации дискриминации ......................................... 7

СТАТЬЯ 3. Развитие и продвижение женщин ............................................................ 15

СТАТЬЯ 4. Ускорение равенства для мужчин и женщин ........................................... 20

СТАТЬЯ 5. Роли полов и стереотипы .......................................................................... 21

СТАТЬЯ 6. Эксплуатация женщин .............................................................................. 23

СТАТЬЯ 7. Участие в политической и общественной жизни .................................... 25

СТАТЬЯ 8. Международное представительство и участие ........................................ 28

СТАТЬЯ 9. Гражданство ............................................................................................... 29

СТАТЬЯ 10. Образование ............................................................................................. 30

СТАТЬЯ 11. Занятость .................................................................................................. 32

СТАТЬЯ 12. Равный доступ к медицинскому обслуживанию ................................... 37

СТАТЬЯ 13. Социальные и экономические пособия .................................................. 41

СТАТЬЯ 14. Сельские женщины.................................................................................. 43

СТАТЬЯ 15. Равная правоспособность мужчин и женщин и равные имущественные права . 46

